Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№20 (12554)
21 майи
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

АРҶГУЗОРӢ



Иштироки Пешвои миллат дар маросими ба Ватан баргардондани мушти хоки оромгоҳи қаҳрамонони миллӣ

19 май Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе ташриф оварда, шахсан дар маросими истиқболи мушти хоки оромгоҳи фарзандони фарзонаи миллат, қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур, инчунин, чеҳраи барҷастаи фарҳангии таърихи миллат Нисор Муҳаммад иштирок намуданд.

Иштироки бевоситаи Сарвари давлат дар ин маросими таърихиву маънавӣ нишонаи равшани арҷгузории олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъриху фарҳанги миллӣ, озодию соҳибихтиёрӣ ва албатта, ба хизматҳои фарзандони сарсупурдаи Ватан мебошад.

Ба поси гиромидошт аз истиқболи хоки оромгоҳи фарзандони баруманди миллат, саҳни фурудгоҳ оро дода шуда, сарбозони Қаровули фахрӣ дар ду ҷониби роҳрави бо қолини сурх густурда саф оростанд.

Дар фазои мутантани эҳтиром ва шоистагӣ, пас аз гузориши шахсони масъул ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сарбозони Қаровули фахрӣ қуттиҳои дорои хоки оромгоҳи қаҳрамонони Тоҷикистонро, ки бо Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пӯшонида шуда буданд, бо эҳтироми хос аз ҳавопаймо поин оварда, бо қадамзании мутантани маросимӣ ба майдони фурудгоҳ интиқол доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хизматҳои таърихии Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад дар назди қуттиҳои дорои хоки оромгоҳи онҳо бо самимияти амиқ арзи арҷу эҳтиром намуданд.

Дар ин лаҳзаҳои ҳаяҷоновари таърихӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур аз ҷумлаи пояҳои давлатдории навини тоҷикон ба шумор рафта, барои бақои миллат, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, муайянсозии ҳудудҳои маъмурӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматҳои мондагор анҷом додаанд.

Воқеан, бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ва таваҷҷуҳи хоси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз хизматҳои таърихии фарзандони фарзонаи Ватан мавриди омӯзиш ва қадршиносии шоиста қарор гирифта, ном ва корномаи онҳо ҳамчун намунаи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва садоқату фидокорӣ ба давлату миллат гиромӣ дошта мешавад.

Ин иқдоми наҷибона ҳамчун идомаи сиёсати фарҳангпарварона, таърихсоз ва инсондӯстонаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ шуда, бори дигар собит менамояд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ эҳёи хотираи таърихӣ, гиромидошти фарзандони баруманди миллат ва таҳкими ҳудшиносии миллӣ ба самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Сипас ҳайати ин маросими таърихӣ ҳамроҳи дастаи роҳнамои мотосиклронҳо ба сӯйи Масҷиди марказии ҷомеи шаҳри Душанбе ҳаракат намуданд.

Пас аз маросими ҷаноза, дар оромгоҳи Лучоб маросими ба замин супоридани хоки қаҳрамонони Тоҷикистон бо риояи суннатҳои дини мубини ислом ва эҳтироми хос анҷом дода мешавад.

Ин рӯйдоди таърихӣ ҳамчун рамзи пирӯзии ҳақиқат, эҳёи адолати таърихӣ ва гиромидошти хотираи фарзандони содиқи миллат дар саҳифаҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад гардид.

Кунун ин қаҳрамонони миллӣ, фарзандони сарсупурдаи миллати бостонии тоҷик дар Ватани бобоии худ, Тоҷикистони азиз – кишвare, ки барояш ҷони ширини хеш нисор кардаанд, соҳиби оромгоҳи худ мешаванд. Ин иқдом, бешак, боиси оромиши руҳу равони ин шаҳидони роҳи озодӣ гардида, барои насли имрӯзу оянда и Тоҷикистони азиз собит менамояд, ки Ватан хизматҳои арзишманди фарзандони фидокору сарсупурдаи худро ҳаргиз фаромӯш намекунад, дер ҳам бошад, арҷ гузошта мешавад.

Бешубҳа, ин арҷгузорӣ ва ин қадршиносӣ аз фарзандони сарсупурдаи тоҷикони сарфароз ба номи Пешвои маҳбуб, Сарвару раҳнамои пурҳикмати миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳифаҳои таърих ҷовидон сабт мегардад.

www.president.tj

Мушти хоки оромгоҳи қаҳрамонони миллӣ дар Тоҷикистон ба замин супорида шуд

19 майи соли равон бо иштироки раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар оромгоҳи Лучоб маросими ба замин супоридани мушти хоки қаҳрамонони Тоҷикистон Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва чеҳраи барҷастаи фарҳангии таърихи миллат Нисор Муҳаммад бо риояи суннатҳои дини мубини ислом ва эҳтироми хос анҷом дода шуд.

Файзалӣ Идизода зикр намуд, ки имрӯз дар таърихи давлатдории навини миллатамон саҳифаи наву пуршарафе боз хоҳад гашт. Мо мушти хок аз оромгоҳи се тан аз бунёдгузорони давлати Тоҷикистон – Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммадро, ки қурбони беадолатиҳои соли 1937-и замони Шуравӣ гаштаанд, дар Ватанамон ба замин месупорем.

Нусратулло Махсум 1 июли соли 1881 таваллуд шуда, яке аз нахустин поягузорони давлати миллии тоҷикон дар солҳои 20-уми қарни XX маҳсуб меёбад. Ин марди бузург аз раиси Кумитаи инқилобии ноҳияи Ғарм то Раиси Кумитаи Инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Соли 1929 бо ташаббус ва талошҳои пайгиронаю ҷасуронаи Нусратулло Махсум ва дигар ватандӯстони миллат Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Мухтор ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ табдил дода шуд.

Нусратулло Махсум 8 июли соли 1937 дар шаҳри Москва ба ҳабс гирифта шуда, бо иттиҳоми сохтаи фаъолияти зиддишуравӣ айбдор гардида, 1 ноябри ҳамон сол ба қатл расонида шуд.

Ҷасади Нусратулло Махсумро дар қабристони умумии Дони Нави шаҳри Москва ба хок супурданд.

28 декабри соли 1957 Коллегияи ҳарбии Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ пешниҳоди Прокурори генералии Иттиҳоди Шуравиро баррасӣ намуда, ҳукми айбдориро дар ҳаққи Нусратулло Махсум бекор намуда, ӯро сафед кард.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 2006 Нусратулло Махсум ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор гашт.

Шириншоҳ Шоҳтемур 1 декабри соли 1899 ба дунё омадааст. Аз январи соли 1921 узви Ҳизби коммунист буд. Баъди тақсимоти милливу ҳудудии Осиёи Миёна дар соли 1924 Шириншоҳ Шоҳтемур узви бюрои Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон таъин гардида, аз шаҳри Тошканд ба шаҳри Душанбе ба кор фиристода шуд. Ҳамзамон, Шириншоҳ Шоҳтемур амалиёти зидди босмачиёнро низ роҳбарӣ мекард.

Пас аз муборизаҳои зиёди фарзандони ҷонфидои миллат 16 октябри соли 1929 Анҷумани сеюми фавқулодаи Шуроҳои Иттиҳоди Шуравӣ Эъломия дар хусуси табдил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро қабул намуд.

Моҳи июни соли 1930 дар Анҷумани якуми муассисии Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур котиби дуюми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии ҷумҳурӣ интихоб гардид. Ӯ соли 1933 Раиси Президиуми Кумитаи марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон интихоб шуда, ин вазифаро то моҳи июли соли 1937 ба уҳда дошт.

Шириншоҳ Шоҳтемур аз нахустин ходимони давлатие буд, ки дар таъсиси давлату давлатдории тоҷикон нақши калидӣ доранд.

9 июли соли 1937, замоне ки Шириншоҳ Шоҳтемур дар шаҳри Москва қарор дошт, аз ҷониби кормандони Комиссариати халқии корҳои дохилӣ (НКВД) ба ҳабс гирифта шуд. Ӯ бо гуноҳи бофтаву сохтаи иштирок дар ташкилоти миллатгароёнаи зиддишуравӣ айбдор гардида, 27 октябри ҳамон сол ба қатл расонида шуд. Ӯро дар қабристони умумии Дони Нави шаҳри Москва ба хок супурданд.

11 августи соли 1956 Коллегияи ҳарбии Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ ҳукми айбдории Шириншоҳ Шоҳтемурро бекор намуда, ӯро сафед кард.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2006 ба Шириншоҳ Шоҳтемур барои хизматҳои бузургаш дар поягузории давлати Тоҷикистон унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Маҳз дар замони Истиқлоли давлатӣ бо заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номи фарзандони ҷонфидои миллат Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур зинда гардонида шуда, ҳамчун қаҳрамони миллӣ муаррифӣ шуданд.

Чеҳраи барҷастаи таърихӣ Нисор Муҳаммад соли 1897 дар шаҳри Пешовари давлати Покистон ба дунё омадааст. Ӯ соли 1919 ба муҳоҷири сиёсӣ табдил ёфта, ба Осиёи Марказӣ паноҳ бурдааст.

Соли 1928 ба узвияти Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Тоҷикистон қабул гардид. Нисор Муҳаммад дар вазифаи комиссари халқии маорифи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон фаъолият кардааст.

Ӯ пояҳои маориф ва илмро дар Тоҷикистон гузошт. Бо талошҳои ӯ аввалин китобхои дарсӣ ва мактабҳо таъсис ёфтанд, инчунин, нахустин донишҷӯёни тоҷик ба муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳрҳои Тошканд, Москва ва Ленинград фиристода шуданд.

Нисор Муҳаммад дар табдил ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ба ҷумҳурии иттифоқӣ дар соли 1929 нақши муҳим бозидааст.

Ӯ 22 октябри соли 1937 бо иттиҳоми сохтаи фаъолияти зиддишуравӣ айбдор гардида, ба қатл расонида шуд.

Ёди неки фарзандони ҷонфидои миллат Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад абадан ҷовиду гиромӣ бод,-бо андуҳу дард иброз намуд Файзалӣ Идизода.

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Некхӯ гаштӣ, чу кӯтаҳ кардӣ аз ҳар кас тамаъ,
Пешрав гаштӣ, чу кардӣ оқилонро пайравӣ.
Носири Хусрав

ШАХСИЯТИ ТАЪРИХӢ

Дар шароити нави таърихӣ ба мушоҳида мерасад, ки илм, маориф ва фарҳанг ба воситаи муҳимми таҳкими дӯстии байни давлатҳо табдил ёфтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар сиёсати хориҷии худ ба густариши ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Имрӯз дипломатияи илмӣ ва фарҳангӣ ба неруе табдил ёфтааст, ки пулҳои дӯстиро миёни тамаддунҳо таҳким мебахшад. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо татбиқи муваффақонаи сиёсати дарҳои боз дар сиёсати хориҷии худ илму маорифро ҳамчун василаи калидии ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода мебарад.

Яке аз саҳифаҳои дурахшон ва таърихии ин раванд бо унвони профессори фахрии Донишгоҳи Пекин сарфароз гардидани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.



ЭЪТИРОФ ВА ҚАДРДОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Маркази бонуфузи илмӣ

12-уми майи соли ҷорӣ дар фазои тантанавӣ ва ҳузури доираҳои илмиву академии Ҷумҳурии Мардумии Чин, бо қарори Шурои илмиву таълимии Донишгоҳи Пекин ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саҳми назаррас дар таҳкими муносибатҳои дӯстиву ҳамкории Тоҷикистону Чин, рушду тавсеаи робитаҳои илмӣ, гуманитариву фарҳангӣ, инчунин, пешбурди ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи обу иқлим шаҳодатномаи профессори фахрӣ ва лавҳаи биринҷии унвони илмӣ тақдим гардид.

Ин қадрдонӣ бозгӯи обрӯву нуфузи баланди байналмилалии Тоҷикистон ва эътирофи нақши муассири Пешвои миллат дар таҳкими муколамаи тамаддунҳо, густариши ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии рушди устувор ба шумор меравад.

Маросими супоридани ин унвони фахрӣ рамзи равшани эҳтирому эътимоди ҷониби Чин нисбат ба сиёсати созанда ва дурбинонаи роҳбарияти Тоҷикистон арзёбӣ гардида, саҳифаи нави ҳамкориҳои илмиву фарҳангии ду кишвари дӯсту шарики стратегиро боз намуд. Ин нукта дар суханронии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин бо самимияту қадрдонӣ ва эътирофи талошҳои Пешвои миллати мо ҳангоми баргузории музокироти дуҷониба садо дод: «Дӯсти азизам! Вохӯрии имрӯзаи мо дар вуҷуди ман эҳсосоти хеле гармро бедор мекунад. Имсол 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Таҳти роҳбарии Шумо, Тоҷикистон дар бунёди давлатдорӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки ин ба мо шодмонии самимӣ мебахшад».

Иқдоми мазкур заминаи мусоидро барои табодули таҷриба миёни донишмандони ду кишвар ва рушди лоиҳаҳои муштараки илмӣ-тадқиқотӣ фароҳам меовард. Ин на танҳо унвони фахрӣ барои як шахсият, балки арҷгузорӣ ба тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон ва эътирофи нақши калидии Тоҷикистон аст. Имрӯз муносибатҳои Тоҷикистону Чин намунаи барҷастаи ҳусни фарҳанги ҳамсоягии нек ва эҳтироми мутақобила ба шумор меравад. Сарфарозгардонии Пешвои миллат дар яке аз бузургтарин марказҳои илмии Чин собит сохт, ки сиёсати пешгирифтаи давлати мо дар арсаи байналмилалӣ на танҳо дастгирӣ меёбад, балки шоистаи омӯзиш ва пайравӣ дониста мешавад.

Донишгоҳи Пекин яке аз марказҳои бонуфузи илмии ҷаҳони муосир эътироф шудааст. Ин донишгоҳ соли 1898 таъсис ёфта, дар рушди илму фарҳанги кишвари дӯст ва ҳамсояи мо саҳми бузург гузоштааст. Дар он ҳазорҳо донишҷӯ аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон таҳсил мекунанд ва садҳо олиму муҳаққиқи маъруф фаъолият доранд.

Донишгоҳи мазкур бо сатҳи баланди таълим, пажуҳишҳои илмӣ ва нақши фаъол дар таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳон шинохта гардидааст. Аз ин рӯ, тақдими унвони профессори фахрӣ далели эътирофи байналмилалии хидматҳои Пешвои миллат мебошад. Дар баробари ин, бо ин иқдом ин донишгоҳ на танҳо шахсияти олии сиёсатмадор, балки хиради азалии як миллатро қадрдонӣ намуд.

Нақши Пешвои миллат дар рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин

Аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи бунёди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро бо Чин пеш гирифт.

Имрӯз бо итминон метавон изҳор дошт, ки ин сиёсати дурбинона муносибатҳои ду кишварро ба сатҳи баланди шарикии стратегии ҳамаҷониба расонд. Амалӣ гардидани лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ, аз ҷумла, сохтмони роҳҳо, нақбҳо, хатҳои интиқоли неруи барқ ва корхонаҳои саноатӣ ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намудаанд.

Ҳамчунин, ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ байни ду кишвар низ сол то сол тавсеа меёбанд. Яке аз паҳлуҳои калидии ҳамкориҳо дар ин самт, ки дар суханронии Президенти мамлакат дар Донишгоҳи Пекин ба он таъкид гардид, ин омори чашмгири таҳсили ҷавонони тоҷик дар Чин мебошад. Тавре ки хотиррасон шуд, ҳоло наздики шаш ҳазор нафар ҷавони боистеъдоди мо дар боргоҳҳои илмии ин кишвари пешрафта бо таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки ин захираи бузурги кадрӣ барои ояндаи наздики мост. Дар даврони соҳибистиқлолӣ бошад беш аз 10 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии Чинро хатм карда, имрӯз дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи кишвар фаъолият доранд. Тавре Сарвари давлат таъкид намуданд, имрӯз таваҷҷуҳи ҷавонони тоҷик ба самтҳои ҳаётан муҳим ва муосири илм, бахусус, аз рӯйи ихтисосҳои илмҳои дақиқ, муҳандисӣ, технологияҳои иттилоотӣ, иқтисоди рақамӣ ва рушди зеҳни сунъӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин тамоюли мусбат гувоҳи он аст, ки дипломатияи илмии байни ду кишвар меваҳои амалӣ ба бор оварда, ҷавонони мо имрӯз на танҳо забон, балки технологияҳои калидии асрро аз худ мекунанд.

Таваҷҷуҳ ба рушди илму маориф

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи илму маориф ба шумор меравад. Дар даврони истиқлол садҳо муассисаҳои таълимӣ бунёд ва азнавсозӣ гардида, шароити таҳсил барои ҷавонон фароҳам гардид. Барномаҳои давлатӣ ҷиҳати омодасозии мутахассисони баландихтисос қабул ва имкониятҳои таҳсил дар хориҷи кишвар вусъат пайдо намудаанд. Тариқи стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» ба таҳсил фаро гирифтани донишҷӯёни тоҷик дар хориҷи кишвар нишони татбиқи ҳадафҳои бузурги давлатӣ дар самти омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон ба шумор меравад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамоянд, ки ояндаи давлат аз сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии ҷавонон вобаста аст. Аз ин рӯ, давлат барои рушди илм, технология ва инноватсия тадбирҳои муҳимро амалӣ менамояд.

Аҳаммияти байналмилалии рӯйдоди таърихӣ

Ин рӯйдоди таърихӣ барои таҳкими робитаҳои илмию фарҳангӣ ва башардӯстонаи Тоҷикистону Чин аҳаммияти сарнавиштсоз дорад. Он на танҳо як маросими расмӣ, балки платформаи нави стратегӣ шинохта мешавад, ки дар оянда метавонад таҳаввулоти ҷиддиеро дар дипломатияи академӣ эҷод кунад. Сарфарозгардонии Пешвои миллат заминаи мусоидеро ҷиҳати вусъати ҳамкорӣ миёни донишгоҳҳои пешрафтаи ду кишвар фароҳам меорад. Ин маънои афзоиши бурсияҳои таҳсилӣ, ташкили донишгоҳҳои муштарак ва табодули устодону донишҷӯёнро дорад. Тадбири муҳим ва рӯйдодии таърихии мазкур барои анҷоми пажуҳишҳои муштараки илмӣ дар самти технологияҳои муосир, пиряхшиносӣ ва иқтисоди сабз заминаро ба вуҷуд меорад.

Ин қадрдонӣ на танҳо ҷанбаи академӣ дорад, балки омили муҳимми болоравии нуфузи сиёсии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дониста мешавад.

Хулоса, бешубҳа, ин эътирофи байналмилалӣ боз як далели қотеъ бар афзудани обрӯ ва нуфузи рӯзафзуни Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ буда, аз муваффақияти беназири сиёсати хориҷии кишвар шаҳодат медиҳад. Ин рӯйдоди таърихӣ уфуқҳои наверо дар робитаҳои илмӣ ва фарҳангии ду кишвари дӯст фароҳам меорад.

Шодӣ САФАРОВ,
президенти АТТ, доктори илми педагогика, профессор,
Обидҷон МАҲМУДЗОДА,
муовини директори ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, доктори илми филология, профессор

ЭКОЛОГИЯ

Ҳифзи пиряхҳо муҳим аст

Дар солҳои охир масъалаи тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳо ба яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ва нигаронкунандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Олимон ҳушдор медиҳанд, ки ба андозаи 1,5°C афзудани ҳарорати ҳавои наздизаминӣ боис мегардад, ки то охири асри XXI қисми зиёди пиряхҳои ҷаҳон аз байн раванд. Ин раванд на танҳо ба табиат, балки ба зиндагии миллионҳо одам таъсири мустақим мерасонад.

Дар чунин шароит ташаббуси нави байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Чунонки медонем, 13 августи соли 2024 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаеро қабул намуд ва солҳои 2025-2034-ро ҳамчун «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера» эълон кард. Ин ташаббус аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуда, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ якдилона дастгирӣ ёфт.

Криосфера ҳамаи минтақаҳои яхбастаи Замин – пиряхҳо, барфҳои доимӣ ва яххои қутбиро дарбар мегирад. Ин минтақаҳо дар танзими иқлим ва таъмини захираҳои об нақши калидӣ доранд. Барои бисёр кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон пиряхҳо манбаи асосии об барои нӯшидан, кишоварзӣ ва соҳаи энергетика ба шумор мераванд.

Аммо имрӯз пиряхҳо бо суръати бесобиқа об мешаванд. Тибқи маълумоти илмӣ, аз соли 2000 инҷониб ҳар сол даҳҳо миллиард тонна ях аз даст меравад. Ин раванд ба баланд шудани сатҳи баҳрҳо, зиёд шудани хатари офатҳои табиӣ ва камшавии захираҳои об оварда мерасонад.

Саволе ба миён меояд, ки обшавии бесобиқаи пиряхҳо барои табиат ва ҷомеа чӣ пайомадҳо хоҳад дошт? Коҳишёбии пиряхҳо метавонад, пеш аз ҳама, ба амнияти обию озуқаворӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Зиёда аз 2 миллиард нафар аҳолии ҷаҳон аз оби пиряхҳо вобастаанд. Ҳамзамон, обшавии яххои қутбӣ яке аз омилҳои асосии баланд шудани сатҳи укёнусҳо мебошад, ки барои кишварҳои соҳилӣ хатари калон дорад.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки барои пешгирии оқибатҳои вазнин, коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ва густариши тадқиқоти илмӣ зарур аст. «Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера» (солҳои 2025-2034) низ ба ҳамин мақсад равона шудааст. Он имкон медиҳад, ки кишварҳо дар омӯзиши пиряхҳо, мубодилаи таҷриба ва таҳияи роҳҳои мутобиқшавӣ ҳамкории зич дошта бошанд.

Дар умум, метавон зикр намуд, ки обшавии пиряхҳо танҳо мушкили як минтақа нест, балки масъалаи умумибашарист. Ояндаи захираҳои об, амнияти озуқаворӣ ва ҳатто устувории иқтисодиёт ба он вобаста аст.

Фурқат ЛАТИФОВ,
омӯзгори географияи МТМУ №13-и ноҳияи Айнӣ

12 май дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Саҳми илм дар амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоиш баргузор шуд.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Тақвияти ҳамкориҳои илмӣ, техникӣ ва гуманитарӣ

Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва технологияи Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба тақвияти мубодилаи илмӣ, техникӣ ва гуманитарӣ ба имзо расид. Ёддошти мазкур 12 май зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин пас аз анҷоми музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Чин дар ҳузури Сарони ду давлат имзо гардид.

Тарафҳо чунин мешуморанд, ки мубодилаи илмӣ-техникӣ ва гуманитарӣ ҷузъи муҳимми муносибатҳои дӯстонаи байни ду давлат буда, мубодилаи гуманитарӣ ба амиқтар шудани ҳамфикрӣ ва боварӣ байни ташкилоти таҳқиқотӣ-илмӣ ва мутахассисони илмию техникии ҳарду мамлакат, ташаккули ҳамфикрии васеъ оид ба инкишофи минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи инноватсионии илмию техникӣ, баланд шудани дараҷаи тараққиёти илмию техникии ҳарду давлат мусоидат мекунад.

Дар доираи ин ёддошт ҷониби Тоҷикистон ҳамасола пажуҳишгарони ҷавони то 45-соларо, ки дорои унвони докторӣ ва ё ҳадди ақал панҷ сол собиқаи таҳқиқотӣ мебошанд, барои табодули академӣ ё анҷом додани таҳқиқот ба муддати 6-12 моҳ ба муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва корхонаҳои Чин мефиристад.



Вазорати илм ва технологияи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар баробари фароҳам овардани шароити зарурии корӣ тавассути Барномаи байналмилалии донишмандони ҷавони барҷаста ба донишмандони ҷавони тоҷик кумаки молӣ мерасонад. Масъалаҳои андозбандӣ аз ҷониби ташкилоти мизбони Чин тибқи қонунҳои андози Чин ва созишномаҳои дуҷонибаи андозбандии дуҷониба ҳал карда мешаванд.

Тарафҳо ба роҳ мондани робитаҳои шарикӣ байни пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарду давлат, инчунин, ҳамкорӣ, аз ҷумла, сафарҳои мутақобили ҳайатҳои илмӣ, ташкили муштараки конфронсҳои илмӣ, табодули мутақобили таҳқиқотчиён тавассути лоиҳаҳои таҳқиқотии кӯтоҳмуддатро дастгирӣ мекунанд.

Вазорати илм ва технологияи Ҷумҳурии Мардумии Чин ба созмонҳои чинӣ, ки дар пажуҳишгоҳҳои дахлдори пажуҳишгоҳи шарикии Чину Тоҷикистон ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ ҳастанд, тавассути интихоби озмун маблағгузорӣ мекунад. Раванди интихоби озмун аз ҷониби Чин бо дастгирии иттилоотӣ ва ташкилии ҷониби Тоҷикистон доир мешавад.

Ҷонибҳо дар соҳаҳои илм ва технологияи мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳамасола семинарҳои мавзуӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо барои навоварӣ ва соҳибкории ҷавон, роудшоуҳои технологӣ, инчунин, чорабиниҳо оид ба муқоисаи технологияҳо ва гуфтушунидҳои тиҷоратӣ ташкил мекунанд.

Тарафҳо муҳаққиқони илмии кишварҳои худро барои иштирок дар чорабиниҳо бо даъвати тарафи дигар ташвиқ мекунанд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки механизми ҳамкорӣ барои ҳамоҳангсозии масъалаҳои гуфташуда таъсис диҳанд. Ҳар сол дар сатҳи корӣ тарафҳо масъалаҳоеро, аз қабили шумораи гирандагони маблағгузорӣ, ҳаҷми маблағгузорӣ ва нақшаи чорабиниҳо якҷоя мувофиқа ва муайян мекунанд.

ИМЗОИ ЁДДОШТИ ТАФОҲУМ ДАР СОҲАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва технологияи Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба густариши ҳамкории илмӣ ва инноватсионии технологӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ ба имзо расид.

Ёддошти мазкур 12 май зимни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин пас аз анҷоми музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Чин дар ҳузури Сарони ду давлат имзо гардид.

Ёддошти тафоҳум ба рушди ҳамкории илмӣ-техникӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, аз ҷумла, таҳқиқот ва таҳияи барномаҳои муштарак ва татбиқи технологияҳо дар истеҳсолот мусоидат мекунад.

Дар доираи ин ёддошт омодасозӣ ва мубодилаи кадрҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар назар аст.

Инчунин, озмоишгоҳҳои муштарак таъсис дода шуда, ҳамкории мунтазам дар соҳаи зеҳни сунъӣ байни муассисаҳои таҳқиқотӣ, донишгоҳҳо ва корхонаҳои баландтехнологии ҳарду ҷониб тақвият дода мешавад.

Созишномаи ҳамкорӣ бо Институти ғизои соҳавӣ

14 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маросими имзои Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти мустақили ғайритиҷоратии «Институти ғизои соҳавӣ» – Ташкилоти заминавии давлатҳои узви ИДМ оид ба масъалаҳои ғизои хонандагон баргузор гардид.

Дар маросими имзои созишнома муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовини вазир Бадриддин Музаффарзода, намояндагони вазорат, президенти Ташкилоти мустақили ғайритиҷоратии «Институти ғизои соҳавӣ» Владимир Чернигов ва кормандони ин ниҳод иштирок намуданд.

Зимни суханронии худ муовини якуми вазири маориф ва илм аз таваҷҷуҳи ҷониби Россия ҷиҳати густариши ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳимми иҷтимоӣ, ташкили ғизои хонандагон изҳори сипос намуда, таъкид кард, ки имзои созишномаи ҳамкорӣ қадами муҳим дар роҳи таҳкими шарикӣ, густариши ҳамкориҳои касбӣ ва табодули таҷрибаи пешқадам ба ҳисоб меравад.

Қайд гардид, ки масъалаи ғизои солим ва мутавозини кӯдакон бевосита ба саломатии насли наврас, самаранокии раванди таълим, рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии хонандагон алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҳифзи саломатии кӯдакон, беҳтар намудани шароити таҳсил ва такмили низоми ғизои мактабӣ дар сатҳи давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Ҳамзамон, таъкид шуд, ки ҳамкории муштарак ба такмили низоми ғизои хонандагон, ҷорӣ намудани стандарту технологияҳои муосир, табодули таҷриба ва донишҳои коршиносӣ, такмили ихтисоси мутахассисон, инчунин, татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ ва амалӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар идомаи вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои вобаста ба рушди низоми ғизои мактабӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар назорати сифати ғизо, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва татбиқи таҷрибаҳои пешқадамро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Бояд гуфт, ки созишномаи мазкур ба рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти такмили низоми ғизои мактабӣ, таҳияи ташаббусҳои муштарак, баргузории семинару конференсияҳо, омодасозии мутахассисон ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ равона гардидааст.

Дар фарҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои судманд ва татбиқи ташаббусҳои муштарак дар самти рушди низоми ғизои мактабӣ иброз намуданд.

14 майи соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рафти иҷрои Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, марҳалаи аввал солҳои 2026-2030 ҷаласа баргузор гардид.

Дар ҷаласа муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, намояндагони Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ ва дигар кормандони соҳа иштирок намуданд.

Таваҷҷуҳ ба иҷрои Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм

Зимни ифтитоҳи ҷаласа муовини якуми вазир таъкид намуд, ки масъалаи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, зери таваҷҷуҳи хоссаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Қайд карда шуд, ки Пешвои миллат пайваста дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки «Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст».

Дар ин замина, гуфта шуд, ки Стратегияи пешгирии экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 бо мақсади таҳкими амнияти кишвар, пешгирии таҳдидҳои муосир ва роҳандозии тадбирҳои муассири муқовимат ба идеологияҳои ифротгароӣ таҳия гардидааст.

Муовини якуми вазир зимни суханронии худ иброз дошт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ масъалаи таъмини амнияти маънавию иттилоотии ҷавонон аҳаммияти бештар касб намудааст. Муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи насли худогоҳу ватандӯст, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон ва пешгирии гаравиши онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ нақши муҳим доранд.

Ҳамзамон, прокурори калони Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳои Прокуратураи генералӣ, мушовири адлияи дараҷаи 2 М. Нурзода доир ба ҳадафҳои асосии стратегия, роҳҳои пешгирии ҷалби ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ва таҳкими корҳои фаҳмондадиҳӣ маърӯза намуд.

Зикр гардид, ки стратегияи мазкур ба такмили сиёсати давлатӣ, муайян намудани вазифаҳои афзалиятноки мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот, инчунин, таҳкими ҳамкориҳои онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ равона шудааст.

Дар ҷараёни ҷаласа таъкид карда шуд, ки ҳадафҳои асосии стратегия пешгирии барвақтии экстремизм дар мактаб, ҷомеа ва оила, коҳиш додани омилҳои мусоидаткунанда ба ифротгароӣ, тақвияти корҳои пешгирикунанда бо гурӯҳҳои осебпазир, бахусус, ҷавонон, таъмини амнияти иттилоотии ҷомеа, инчунин, офиятбахшӣ ва барқарорсозии бозгаштагон мебошад.

Иштирокчиёни ҷаласа вобаста ба татбиқи самараноки стратегия, баланд бардоштани масъулияти сохторҳои соҳавӣ ва густариши ҳамкориҳои байниидоравӣ мубодилаи афкор намуда, пешниҳодҳои мушаххас ироа карданд.

Дар фарҷоми ҷаласа таъкид гардид, ки мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи танҳо як ниҳод набуда, он масъулияти муштараки тамоми ҷомеа мебошад ва дар ин самт баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии ҷавонон, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар дафтари СММ дар Арабистони Саудӣ оид ба Конфронси Душанбе чорабинӣ доир гардид.

Агар бо саг нахоҳӣ ҷуст пархош,
Тамаъ бигсил зи хуну гӯшти мурдор!
Носири Хусрав

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Муаррифии барномаи «HORIZON EUROPE»

13 майи соли 2026 намояндагони Global Service Facility (GSF)-и Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Манфред Шписбергер ва Инесе Гаварене дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрӣ намуда, оид ба барномаи Иттиҳоди Аврупо – «Horizon Europe» суҳбат оростанд.

14 майи соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон чорабинии байналмилалии «Horizon Europe Information and Networking Session» баргузор гардид, ки дар он муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, роҳбари бахши ҳамкориҳои намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Изабел Уриз Эрнандес, намояндагони Global Service Facility (GSF)-и Комиссияи Иттиҳоди Аврупо Манфред Шписбергер ва Инесе Гаварене ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини якуми вазири маориф ва илм иброз дошт, ки дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон айни ҳол зиёда аз 10 лоиҳаи сармоягузорӣ амалӣ шуда истодааст, ки самтҳои муҳимми маорифро аз сохтмон ва муҷаҳҳазсозии мактабҳо то такмили таҳсилоти миёна ва рушди малакаҳои касбӣ фаро мегиранд.

Ҳамчунин, мувофиқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 03.10.2025, №26/4/10-52) вазорат ҳамчун ҳамоҳангсози миллӣ дар барномаи «Horizon Europe» муайян шудааст. Ин барномаи бузурги Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи таҳқиқот ва инноватсия имкониятҳои васеъ барои ворид намудани стандартҳои байналмилалӣ, рушди рақамигардонӣ ва таҳкими мавқеи илмӣ-технологии кишвар фароҳам меорад. Ин ҳамкорӣ ба рушди устувори маориф, таҳкими мавқеи илмӣ-технологии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Х. Назарзода зикр намуд, ки донишгоҳ ба майдони муҳимми муаррифии имкониятҳои барномаи «Horizon Europe» табдил ёфтааст.

Донишгоҳ айни замон ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ дар татбиқи барномаи «Horizon Europe» иштироки фаъол дошта, айни замон дар доираи барномаи мазкур 3 лоиҳа - «MOCCA», «POLCA» ва «SOCLAW»-ро амалӣ намуда истодааст.

Дар идома роҳбари бахши ҳамкориҳои намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Global Service Facility (GSF)-и Комиссияи Иттиҳоди Аврупо оид ба имкониятҳои васеи барномаи «Horizon Europe» маълумот доданд.

Пас аз қисми расмӣ кори сессияҳо оғоз гардид. Дар сессияҳо намояндагони Global Service Facility (GSF)-и Комиссияи Иттиҳоди Аврупо оид ба барномаи кории «Horizon Europe» барои солҳои 2026-2027 Мария Склодовска-Кюри (MSCA), шабакасозӣ ва ташкили консорсиум барои пешниҳодҳои «Horizon Europe» ва кори амалӣ дар гурӯҳҳо маълумот доданд.

Чорабинии байналмилалии «Horizon Europe Information and Networking Session» ба густариши ҳамкориҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, муаррифии имкониятҳои барномаи «Horizon Europe» ва ташкили консорсиумҳои муштарак заминаи мусоид фароҳам оварданд.

15 майи соли 2026 Манфред Шписбергер ва Инесе Гаварене муаррифии барномаи «Horizon Europe» Иттиҳоди Аврупоро бо олимону муҳаққиқони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баргузор намуданд.

Баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар меҳвар

Дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи онлайнии Ситоди кории вазорат таҳти роҳбарии муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа намояндагони раёсату шуъбаҳои дахлдори вазорат, муассисаҳои тобеъ, сардорони сарраёсату раёсатҳо, мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва директорони мактабҳои президентии Ҷумҳурӣ тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Муовини вазир зимни ифтитоҳи ҷаласа таъкид намуд, ки таҳкими низоми идоракунии соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, тақвияти масъулияти роҳбарони сохторҳои маҳаллӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда аз вазифаҳои муҳимми соҳа ба ҳисоб меравад. Фаъолияти мунтазами шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ бояд ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонида шуда, барои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар ҷараёни ҷаласа ҳисоботи мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур А. Бобозода ва мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ Д. Раҷабзода оид ба фаъолияти шуъбаҳои маориф дар чор моҳи соли 2026 шунида шуд.

Ҳамчунин, масъалаҳои ҷорӣ ва муҳимми соҳа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, вобаста ба самти таҳсилоти иловагӣ масъалаи омодагии мутасаддиён барои баргузории семинарҳои истироҳатгоҳҳои тобистона матраҳ гардида, ҷиҳати ташкили босифати истироҳату фароғати хонандагон дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар фарҷоми ҷаласа муовини вазири маориф ва илм таваҷҷуҳи роҳбарони сохторҳои соҳа ва масъулинро ба иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ, баланд бардоштани сатҳи назорат, рушди таҳсилоти иловагӣ, такмили ихтисоси кормандон, дастгирии истеъдодҳо ва тақвияти раванди рақамикунонии соҳаи маориф ҷалб намуда, таъкид кард, ки ҳалли саривақтии масъалаҳои баррасишуда барои боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат хоҳад кард.

Дар мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор ҷиҳати иҷрои Нақшаи кори Вазорати маориф ва илм барои нимсолаи якуми соли 2026 ҷаласаи назди муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода баргузор гардид.



Дар ҷаласа вазъи таълиму тарбия, иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтии кӯдак дар шаҳрҳои Вахдат, Турсунзода, Ҳисор, ноҳияҳои Файзобод ва Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

БАРРАСИИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Дар ҷаласа муовини сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ, кормандони раёсати таҳсилоти томактабӣ-аъзои гурӯҳи кории санҷишӣ, сардорони раёсатҳои маорифи шаҳри Вахдат ва ноҳияи Рӯдакӣ, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор ва Файзобод, мушовирони томактабӣ, мудирони муассисаҳои томактабӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, директорони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои номбаршуда, ки марказ (гурӯҳ)-ҳои инкишофи барвақтиашон мавриди омӯзиш қарор гирифт, иштирок намуданд.

Пас аз баррасии натиҷаи омӯзиши вазъи таълиму тарбия қарорҳои дахлдор ба тасвиб расида, ҷиҳати иҷрои саривақтии он масъулин муваззаф карда шуданд.

Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ

17 майи соли 2026 дар саросари ҷумҳурӣ бо иштироки васеи сокинони мамлакат, намояндагони касбу кори гуногун, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонон баргузор гардид.

Дар ин чорабинии оммавии варзишӣ роҳбарият ва кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолона иштирок намуданд.

Дави миллӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2007 «Дар бораи Рӯзи дави миллӣ» ҳамасола якшанбеи сеюми моҳи май доир гардида, ҳадафи он таҳкими тарзи ҳаёти солим, рушди соҳаи варзиш ва баланд бардоштани оммавияти варзиш миёни аҳолӣ мебошад.

Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода дар чорабинии минтақавии сатҳи баланд оид ба ғизои мактабӣ, ки айни замон дар Ҷумҳурии Арманистон баргузор гардида истодааст, иштирок ва суханронӣ намуд.

Рушди соҳаи ғизои мактабӣ

Чорабинии мазкур ба мавзуи рушди милликунонии устувори ғизои мактабӣ бахшида шуда, дар он намояндагони як қатор давлатҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон, Арманистон, Қирғизистон, Бразилия ва дигар кишварҳо таҷриба ва дастовардҳои худро дар самти татбиқи барномаҳои ғизои мактабӣ муаррифӣ карданд.

Зимни баромади худ муовини вазири маориф ва илм таъкид кард, ки дар доираи ҳамкориҳои самаранок бо Барномаи озуқавории ҷаҳонӣ ва сохторҳои дахлдори давлатӣ айни замон дар Тоҷикистон Барномаи давлатии ғизои мактабӣ амалӣ гардида истодааст. Дар натиҷаи татбиқи барнома хонандагони синфҳои ибтидоии наздик ба 2000 муассисаи таълимӣ ҳамарӯза бо ғизои гарм таъмин мешаванд.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳаи ғизои мактабӣ маблағҳои зарурӣ ҷудо гардида, тадбирҳои муҳимми беҳтарсозии инфрасохтори ошхонаҳои муассисаҳои таълимӣ, муҷаҳҳазсозии онҳо ва гуногунсозии таомҳо амалӣ карда мешаванд.

Дар ҷараёни чорабинӣ масъалаҳои вобаста ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, ҷалби шарикони рушд ва табодули таҷрибаи пешқадам дар самти таъмини ғизои босифат барои хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Самаранок гузаронидани таътили тобистона

Барои босамар ва шавқовар гузаштани таътили тобистона хонандагон ба чӣ кор бояд машғул шаванд?

Машғулиятҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ (2-4) 29 май, барои синфҳои 5-11 30 май ба анҷом мерасанд. Дар синфҳои 1-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ машғулиятҳо 22 майи соли 2026, новобаста аз шакли ҳуқуқӣ ва тобеияти идоравӣ, ба анҷом мерасанд. Тибқи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таътили тобистона пас аз анҷоми соли таҳсил ва ҷамъбасти аттестатсия то 31 август идома меёбад.

Аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидани хонандагони синфҳои 4-8 ва 10 аз 2 то 10 июни соли 2026, аттестатсияи хатми хонандагони синфи 9 аз 2 то 15 июни соли 2026 ва аттестатсияи хатми синфҳои 11 аз 2 то 20 июн гузаронида мешаванд.

Донишҷӯён мувофиқи нақшаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мутаносибан то 5-уми июл пурра ба таътили тобистона мебароянд.

Вазорати маориф ва илми мамлакат рӯйхати адабиёти бадеиро ба хонандагон тавсия намудааст, ки дар таътили тобистона хонандагон метавонанд мутолиа намоянд. Дар назди муассисаҳои таълимӣ истироҳатгоҳҳо ташкил карда шуда, хонандагон дар онҳо ба бозиҳои гуногуни варзишӣ, мусобиқаҳои шеърхонӣ ва дигар озмунҳо ҷалб мешаванд.

Тибқи ҷадвали тасдиқгардида, омӯзгорон дар таътили тобистона ба рухсатии меҳнатӣ мебароянд. Қисме аз омӯзгорон, ки шогирдони онҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» иштирок мекунанд, бо онҳо машқу тамрин менамоянд.

Илова бар ин, рушди китобхонаҳои электронӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки аз захираи интернетӣ истифода бурда, китобҳои заруриро дар шакли рақамӣ мутолиа кунанд. Платформаҳое, ба монанди «Китобдӯст» ва «www.marifat.tj» захираҳои пурраи адабиётро пешниҳод менамоянд, ки хонандагон метавонанд ба онҳо бе маҳдудият дастрасӣ пайдо кунанд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

Дар шаҳри Душанбе озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» баргузор шуд.

ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ

ТАЪРИХ ВА ФАЛСАФАИ МАВҶУДИЯТИ ТОҶИКОН

На шабам, на шабпарастам,
ки ҳадиси хоб гӯям,
Чу гуломи офтобам, ҳама з-офтоб гӯям.

Дар чорчӯби ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба мавзуи истодагарӣ, давлатмеҳварӣ ва масъулиятпазирии халқи тоҷик, ки дар ҳассостарин даврони таърихӣ бо худгузарӣ, бо қадам ва бо қалам рисолати худро дар назди миллат ва давлат иҷро намуд, ба вижа, таъкид кардан равост. Инъикоси паҳлуҳои ҳувияти дунявӣ ва ҳофизаи таърихии миллати тоҷик ҳамчун халқи тамаддунофар, тарранумгар ва пиёдасози арзишҳои дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, давлатмеҳварӣ, ҳунарварзӣ, инсонпарварӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, авлавияти илму пажуҳиш, дорандаи руҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар муқобили мушкилоти рӯзгор аз дидгоҳи оламиён ба риштаи таҳлил кашида мешавад.

Дар ҳошияи раванди равшаннамоӣ ва маорифапарварӣ шоистаи зикр аст, ки ҳувияти тоҷикон амалгаро, созгор ба воқеият ва башиддат хилофи ақидаҳои ҷазмбоварона буда, дар набардҳои шадиди таърихии хатарзо забон, фарҳанг, таърих ва анъанаҳои миллиро ҳифз намудааст.

Пайгирии мантиқии мавзуъ нишон медиҳад, ки давлатмардони асил бо такя ба фарҳанги волои мудирияти Пешвои муаззами миллат бо як виқори қиёснашаванда ҳамчун сипар ва камарбанди устувор дар муқобилаи ҳуҷуми ифротияти асри XXI истоданд, ҳамчун кӯҳ пойдор ва мисли санги хоро қоиму маҳкам истоданд. Дарвоқеъ, ин миллати тамаддунофар нуҳуфтаҳои марворид парваридааст, ки ҳамвора руҳияи созандагиро дар ҷомеа бедор нигоҳ медорад.


Истиқлоли давлатӣ имкон даст дод, ки насли давлатсоз дар тамоми соҳаҳои давлатдории миллӣ бо пуштибонӣ аз ирода ва хиради ҷамъӣ ба воя бирасад, бо пӯёгарӣ ва пазириши масъулият пайомадҳои шеваи хушунатгунаи доираҳои тундгароро дар ҷомеа, ки ғаразашон усули ақибмондагӣ, оини вопасгароӣ, буҳрони давомдори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва дар ниҳоят, ниҳодина сохтани фоҷеаи миллӣ буд, рафъ намояд. Ин насл, пеш аз ҳама, бар зарфиятҳои таърихӣ, миллӣ ва қудратмандии тоҷикӣ эътиқодманд буда, онҳоро меъёр ва маҳаки пешравӣ мепиндоранд.

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-адабӣ ба хулосаи мантиқие мерасем, ки аз бомдоди таърих тоҷикон бо давлатсозӣ ва миллатсозӣ машҳури замон ва вирди забони ҷаҳониён гаштаанд ва бо ҳунари нодири шаҳрдорӣ дар ҷаҳон ҳарфи аввалу охирро задаанд. Эҳёи пойтахти азизамон – шаҳри Душанбе ва азнавсозии он ҳамчун нигини ангуштарӣ ва хонаи умеди тоҷикони дунё дар тӯли 35 соли охир нишонаи барҷастаи ин гуфтаҳост.

Коршиносон иттиҳоди назар доранд, ки таърихи панҷҳазорсола, анаъанаи ободкории қадимӣ ва адабиёти зиёда аз 1000-солаи тоҷику форс паёми равшан ва босароҳатро ба муштоқон медиҳад, ки танҳо метавон инсони комил ва ҷомеаи пешрафтаро бунёд кард.

Маънавиёти миллати тоҷик аз аҳди қадим ҳамвора аз инъикосу пиёдасозии арзишҳои дунёмадорӣ, шахсиятсозӣ, давлатмеҳварӣ, ҳунарварзӣ, андешамандӣ, инсонпарварӣ, ҳаётдӯстӣ, шаҳрнишинӣ, арҷгузорӣ ба кору пайкор, авлавияти илму пажуҳиш, руҳияи солим ва иродаи қавии шикастнопазир дар муқобили мушкилоти рӯзгор саршор будааст.

Бархӯрди созанда ба воқеият бо такя ба хиради азалӣ паёми равшан ва босароҳатро медиҳад, ки танҳо бо такя ба ибораву рафтори сарнавиштсози «дониш андар дил чароғи равшан аст», «ҷаҳонро тавон бо хирад ёфтан», «ақлу хирад бас аст сипоҳу сипар маро» ва «гавҳари қимат зи гавҳарҳо дар олам одам аст» ва пиёда сохтани онҳо дар амал метавон ояндаи ҳаёти инсон ва ҷомеаро сохт.



Миллати тоҷик на танҳо нигаҳдорандаи арзишҳои миллӣ, балки муҳофизи дастовардҳои башарӣ дар минтақа низ ҳаст. Агар ба асолати сохти дунявият назар афканем, мебинем, ки тоҷикон ҳама замон дунёмадор ва зиндагисоз будаанд. Онҳо дарк мекардаанд, ки бо мушкилоти замона «бо теғи тези даҳр» (Носири Хусрав) мубориза бурдан даркор аст ва ба гуфти назарияпардоз Сидни, ин суханҳоро дастурамал ва сармашқи ҳаёт қарор доданд: «Фирор аз мушкилот суде надорад, баръакс, бо мушкилот мебояд ҷангид, бо мушкилот мебояд дасту панҷа нарм кард. Дар он сурат мушкилот бо сарафкандагӣ нопадид хоҳад шуд».

Геродот (484-425 пеш аз мелод) – таърихнигори юнонӣ, ки унвони «падари таърих»-ро дорад, дар бораи гузаштагони барӯманди мо мегӯяд: «Бартарии асоситарини тоҷикҳо ин шуҷоатмандии онҳост». Ҷойи дигар дар мавриди муаррифии халқиятҳои ҳудуди давлати паҳновари Ҳахоманишӣ, ки тамоми қаламрави Осиё ва Африқои он замонро фаро мегирифт, ёдовар мешавад: «Аз тамоми халқҳо тоҷикҳо (форсҳо) интизоми ҳарбии беҳтар доранд ва аз ҳама далертару ҷавонмардтаранд».

Дар такя ба иттилооти ин муаррихон, агар тасвири симои равонии ориёиҳои пешин, яъне, ниёгони худро тасвир кунем, чунин хоҳад буд: мардуме шуҷоъ, ғолиб, ҷавонмард, озода, қатъӣ, дорои руҳияи ҷангии баланд, муттаҳид ва артишдор.

Тамаддуни ҳаётсози тоҷикон, ки дар он шиори аслии эътиборӣ «касе ҳандаса надонад, ба ин ҷо надарояд» ва тараннуми инсони оқилу комил ҷанбаи мафкуравии онро ташкил менамояд, қалби ҷаҳониёнро дар тӯли таърих тасхир намудааст. Ҷавҳари ин фарҳанги оламшумул аз гуфтумони созгори манфиатҳои миллатест, ки ҳақдор ва соҳиби номбардори ин ҳама дастовардҳост.

Ҳамзамон, пайомади баинобат нагирифтани қонунҳои зиндагӣ ва беэътино донистани кӯшишу ғайрат ҳамчун меҳвари бозсозии фалсафаи худӣ дар сурате, ки фориғболиву бепарвоӣ, коҳиливу танбалӣ ва ғафлатписандӣ ҳукмфармо гардад, ҳолате дар ҷомеа шакл мегирад, ки нависандаи чирадасти тоҷик Урун Кӯҳзод аз он басо «айниёна» ҳушдор додааст: «Оқибати ҳама нобаробариҳо, сабабгори ақибмонии ҳамаҷониба дар хурофотпарастӣ аст». Хурофот як намуди бемориест, ки аз насл ба насл гузашта, дар зеҳну биниши мардуми мо реша давондааст. Аксари мардум, мутаассифона, ҳам дар гузашта, ҳам имрӯз фикр доранд, ки худи одам ба чизе ё коре қодир нест, шарт нест, ки вай хонад, кӯшиш кунад, баҳри ҳалли душворие талош намояд, ҳар чизе ё коре мешавад, дар пешонии ӯ навишта шудааст, вай бояд сабурона инро таҳаммул намояду шукр гӯяд. «Ту ғам нахӯр, ту кӯшиш накун, заҳмат накаш, ҳамааш беҳуда, ҳар чизе дар насибат бошад, ҳамонро мебинӣ».

Маънавиёти миллӣ раванди худҷӯш набуда, ба қонунҳои рушду инкишоф такя мезанад, идомабахши анъана ва суннати адабиёт ва илми тоҷик будааст ва ин масъалаҳоро бо пайдарҳами мантиқӣ бозтоб додааст. Суханро агар дар бораи нақши харобкори руҳияи иртиҷоӣ дар имтитоди таърих оғоз намоем, Хайёми дунявимашраб ба ёдамон меояд. Умари Хайём дар бораи пайдоиши олам нигоҳи ҷасурона ва то андозае инкоркунандаи қонунҳои шахшудаи асримиёнагӣ дорад. Ӯ инсони оқилро ба андеша ва боз ҳам ба сони Мавлоно ба фикрронӣ ва амал во медорад:

Қавме мутафаккиранд дар мазҳабу дин,
Ҷамъе мутаҳайиранд дар шакку яқин.
Ногоҳ мунодие омад зи камин,
Эй бехабарон, роҳ на он буду на ин.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби касе то ҳоло сарфи назар нашудааст, ки тоҷикон нақши меҳварӣ дар минтақа доштаанд ва доранд. Ҳарчанд ки бегонагон меомаданду мерафтанд ва ба қавмҳои бегона мансуб буданд, бо мурури замон зери ҳавову ҳавас ва таъсири фарҳанги шахсиятсози тоҷикӣ-ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳалаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз соҳибони забон зиёдтар дар ҳимояи фарҳанги бумӣ саъю талоши зиёдтар менамуданд. Аз сӯйи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро ин фарҳангпазирӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз ҳавсалаи ин мақола берун аст, то ҳоло идома дорад. Аз тарафи дигар, чун онҳо ба ҳудуди тоҷикон сарозер мешуданд, табиист, ки заминаи қавии маърифатӣ ва пойгоҳии васеъ пайдо мекарданд.

Нависандаи бузурги тоҷик Сотим Улуғзода дар бораи хештаншиносӣ басо ҳадафманд нигоштааст: «Маънии зиндагӣ ҳамин аст: худро афрӯхтану роҳи дигаронро мунаввар кардан. Ҳар кас ба ин дунё ба ташвиши худаш меояд, аниқтараш меоранд ӯро. Аммо дар натиҷаи донишу биниш ва андӯхтани таҷрибаи рӯзгор тадриҷан дар бораи маънии ҳастӣ ва мавқеи худаш дар ҷомеа сарфаҳм рафта, мехоҳад, ба нафъи қавму халқи худаш, дар маҷмуъ, башар хидмате карда бошад. Охир, рисолати инсон дар рӯйи замин ва маънии ҳастии мо дар ҳамин аст».

Нафароне, ки ба равоншиносии муосир шинос мебошанд, медонанд, ки олимони ғарбӣ Роберт Кийосаки, Брайан Тресси, Наполеон Хилл ва ғ. дар бораи шахсиятсозии инсонҳо китобу асарҳои зиёд таълиф кардаанд, вале пештар аз инҳо файласуфу ҳакими тоҷик Мавлоно Балхӣ, ки зодаи Вахшонзамин мебошад, дар ҷустуҷӯйи инсони ормонӣ мегӯяд:

Ҳар касеро бозсозӣ боядо,
Гар насозӣ, худшиносӣ н-оядо!

Касби донишу маърифат ва ҳунар, хусусан, ба андӯхтани таҷрибаи технологии ҷаҳони муосир, тарғиби шахсиятҳои таърихӣ, ки дар ташаккулёбии худшиносии миллии тоҷикон саҳми босазо гузоштаанд, боз кардани саҳифаҳои пурифтихори миллӣ дар шуури ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа мебошад.

Тамаддуни шуҳратёри тоҷик бо тафакури дунявиаш мавқеи хос дорад, яксӯбин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои тақвияти иқтидор ва зеҳнияти ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ҷиҳати рақобатпазир шудан заминаи мусоид фароҳам меовард. Дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ рушду нумуъ хоҳад кард.

Умед НАЗАРОВ,
2. Татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» дар дарсҳои физика ва нуҷум (аз таҷриба)

3. Роҳҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика

4. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанни физика

5. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар таълими фанни физика

6. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар таълими фанни физика

7. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанни физика

8. Таҳияи тест ва тарзи муайян намудани холи бадастовардаи хонанда дар асоси низоми баҳогузории 10-хола

9. Тамоюли тадқиқоти байналмилалӣ дар соҳаи математика ва илмҳои табиӣ (TIMSS)

10. Таксономияи сатҳи тафаккури хонанда ва истифодаи он дар дарсҳои физика

11. Моҳияти ҳалли масъалаҳо дар ҷараёни таълими фанни физика

12. Мавқеи кабинет ва озмоишгоҳ дар таълими фанни физика (аз таҷриба)

13. Идоракунии таҷрибаҳои озмоишӣ (лабораторӣ) ва таъмини техникаи бехатарӣ аз фанни физика

14. Истифодаи воситаҳои аёнӣ, моделҳо ва аниматсияҳо дар таълими физика

15. Пешгирӣ ва ислоҳи хатоҳо дар раванди истифодаи формулаҳо ва ҳисоббароркуниҳо

16. Истифодаи технологияҳои муосир дар таълими физика (видеотадқиқотҳо, аниматсияҳо)

17. Мушкилоти фаҳмиши қонунҳои ҳаракат ва энергия аз ҷониби хонандагон дар таълими фанни физика

18. Рушди малакаҳои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва ғайристандартӣ

19. Баланд бардоштани малакаҳои кори гурӯҳӣ дар таҷрибаҳо

20. Дарёфт ва дастгирии хонандагони болаёқат дар фанни физика

21. Идоракунӣ ва тақсимоти самараноки вақти дарс дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанни физика

22. Баланд бардоштани малакаҳои тадқиқотӣ ва моделсозии воқеаҳои физикӣ

23. Таҳлили натиҷаҳои таълим ва истифодаи онҳо барои баланд бардоштани сифати таълими фаннҳои физика ва астрономия

24. Нақши арзёбии марҳалавӣ дар ҷамъбасти арзёбии чорякӣ аз фанни физика

25. Истифодаи бозиҳои таълимӣ ва масъалаҳои шавқовар дар раванди таълими физика

26. Муносибати босалоҳият дар таълими мавзуи «Майдони электрӣ. Шадидияти майдони электрӣ»

27. Муносибати функсионалӣ дар таълими фанни физика

28. Тарзи ба нақша даровардани дарси яксоата бо назардошти муносибати босалоҳият дар таълими фанни физика (аз таҷриба)

29. «Мегаолам» – мафҳуми астрофизикӣ ва кайҳонии ҳозиразамон дар таълими фанни астрономия

30. Нақши олимони тоҷик дар кашфи оламии Кайҳон

31. Роҳу усулҳои банақшагирии таълими фанни астрономия

32. Мушкилоти таълими фанни астрономия ва роҳу усулҳои ҳалли онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз таҷриба)

33. Методи мушоҳидаи олами Кайҳон дар раванди таълими фанни астрономия

34. Истифодаи лабораторияи визуалӣ дар таълими фанни физика

24. Бахши химия

1. Истифодаи усулҳои интерактивӣ дар таълими фанни химия (аз таҷриба)

2. Таҷҳизонидани кабинети химия – талаботи замон

3. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанни химия

4. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар таълими фанни химия

5. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар таълими фанни химия

6. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанни химия

7. Тамоюли тадқиқоти байналмилалӣ дар соҳаи математика ва илмҳои табиӣ (TIMSS)

8. Таксономияи сатҳи тафаккури хонандагон ва татбиқи он дар таълими фанни химия

9. Тавсифи элементҳои химиявӣ аз рӯйи мавқеашон дар системаи даврӣ

10. Бо усули графикӣ ҳал намудани масъалаҳои химиявӣ

11. Усулҳои омӯзиши карбогидрогенҳои сер дар синфи 10.

12.Роҳҳои омӯзонидани системаи муосири элементҳои химиявӣ. Гидролизи намакҳо ва тартиб додани муодилаи гидролизи намакҳо дар таълими химия.

13. Мавқеи ҳалли масъалаҳои гуногун дар таълими химия

14. Муайян кардани дараҷаи оксидшавии элементҳо бо истифода аз усулҳои нави таълим

15. Усули ҳалли масъалаҳо оид ба ёфтани моддаҳои номаълуми органикӣ ва ғайриорганикӣ

16. Бо усули муносибати босалоҳият омӯзондани мавзуи «Электроманфиати элементҳои химиявӣ» ба хонандагон

17. Муҳиммияти омӯзиши мавзуи аммиак, истеҳсол ва истифодаи он дар ҳаёт

18. Нақши «Ҳафтаҳои фаннӣ» ва «Маҳфилҳои фаннӣ» дар баланд бардоштани дониш ва маҳорати хонандагон

19. Роҳу усулҳои тайёр намудани хонандагони боистеъдод ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз фанни химия (аз таҷриба)

20. Роҳу усулҳои ташкил ва гузарондани корҳои лабораторӣ ва амалӣ аз фанни химия дар синфҳои 10-11 (аз таҷриба)

21. Рушди малакаҳои тафаккури мантиқӣ ва таҳлили илмӣ дар хонандагон

22. Мушкилоти амалисозии назария дар таҷрибаҳои озмоишӣ (лабораторӣ) аз фанни химия

23. Баланд бардоштани шавқи хонандагон ба фанни химия

24. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар раванди таълими химия

25. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ ва назорати техникаи бехатарӣ дар онҳо

26. Истифодаи воситаҳои аёнӣ ва моделсозӣ барои фаҳмонидани реаксияҳои химиявӣ

27. Истифодаи технологияҳои муосир (симуляторҳо, видеотадқиқотҳо) дар таълим

28. Ташкили дарсҳои шавқовар ва интерактивӣ барои фанни химия

29. Омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳо ва озмуни «Илм – фуруғи маърифат»

30. Рушди малакаҳои ҳалли масъалаҳои амалӣ ва ғайристандартӣ дар раванди таълими фанни химия

31. Баланд бардоштани малакаҳои кори гурӯҳӣ дар раванди таълими фанни химия

32. Дарёфт ва дастгирии хонандагони болаёқат дар фанни химия

33. Ташкили муҳити бехатар ва муҳити озмоишӣ дар озмошгоҳи муҷаҳҳази химия

34. Рушди малакаҳои тафаккури эҷодӣ дар раванди таҳлили реаксияҳои химиявӣ

35. Таъмини алоқамандгардонии назария ва амал дар дарсҳои химия

36. Таҳлили натиҷаҳои таълим ва истифодаи онҳо дар беҳдошти сифати таълим аз фанни химия

37. Истифодаи лабораторияи визуалӣ дар таълими фанни химия

25. Бахши биология ва экология

1. Рушди ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои замонавӣ бо тафаккури техникӣ яке аз ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф барои солҳои 2020-2040» дар дарсҳои биология ва экология

2. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанҳои биология ва экология

3. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар дарсҳои биология ва экология

4. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар дарсҳои биология ва экология

5. Тамоюли тадқиқоти байналмилалӣ дар соҳаи математика ва илмҳои табиӣ (TIMSS)

6. Таксономияи сатҳи тафаккури хонандагон роҳҳои муайян кардани он дар дарси биология

7. Таҳияи тест барои арзёбиҳои ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ дар раванди таълими фанни биология

8. Таълими мавзуи «Муҳофизати растаниҳои нодир ва нестшаванда» дар раванди таълими фанҳои биология ва экология

9. Омилҳои антропогенӣ – сабабҳои дигаргуншавии иқлим дар дарсҳои биология ва экология

10. Усулҳои омӯзиши ҳифзи табиат ва истифодаи самараноки бойигариҳои табиат дар дарсҳои биология ва экология

11. Назари эволютсияи биохимиявӣ ва марҳалаҳои инкишофи Замин дар дарсҳои биология

12. Бо усули муносибати босалоҳият омӯзондани мавзуи «Пешгирӣ аз бемориҳои меъдаю рӯда» дар дарсҳои биология

13. Рушди тарбияи экологӣ ва донишҳои экологии хонандагон дар замони муосир

14. Арзёбии донишу малака ва маҳорати хонандагон дар дарсҳои экология ва биология дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим

15. Гузарондани дарси кушод бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» аз фанни экология (аз таҷриба)

16. Усулҳои таълими ҳалли масъалаҳои генетикӣ ва биологӣ

17. Таълими мавзуи «Генетика ва таърихи инкишоф»

18. Усули таълими мавзуи «Биосфера ва инсон» дар синфи 11

19. Тарзи таълими мавзуи «Аҳаммияти нармтанҳо дар табиат ва ҳаёти инсон»

20. Омилҳои таъсири инсон ба табиат

21. Таърихи инкишофи замин ва олами органикӣ

22. Рушди тафаккури илмии хонандагон ва таҳлили мушкилоти таълимӣ дар раванди таълими фанни биология

23. Мушкилоти алоқамандгардонии назария ва таҷрибаҳо дар дарсҳои биология ва экология

24. Баланд бардоштани шавқи хонандагон ба омӯзиши табиат ва биология

25. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (муҳокима, моделсозӣ, интерактивӣ)

26. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар раванди таълими биология ва экология

27. Идоракунии раванди гузаронидани таҷрибаҳои озмоишии биологӣ ва таъмини техникаи бехатарӣ дар онҳо

28. Арзёбии ташаккулдиҳандаи дониш ва малакаҳои хонандагон дар раванди гузаронидани корҳои таҷрибавӣ аз фанни биология

29. Пешгирии хатоҳо дар раванди ҳисоббарорӣ ва фаҳмиши формулаҳо (масалан, ҳуҷайра ва ферментҳо)

30. Рушди малакаҳои тадқиқотӣ ва мушоҳидаи биологӣ

31. Баланд бардоштани малакаҳои кори гурӯҳӣ ва мушоҳидаҳои амалӣ дар раванди таълими фанни биология

32. Дарёфт ва дастгирии хонандагони бо-

(Давомаш дар саҳ. 10)

Аз 25 то 29 май дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзҳои фарҳанги Федератсияи Россия баргузор мешаванд.

(Аввалаш дар саҳ. 9)

лаёқат аз фанҳои биология ва экология

33. Идоракунии вақт ва тақсимоти он дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанни биология

34. Ташкили муҳити озмоишии бехатар дар озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази биология

35. Рушди саводи экологӣ ва тарбияи муҳити солим

36. Таҳлили натиҷаҳои таълим ва истифодаи онҳо ҷиҳати беҳбудии таълими фанни биология ва экология

37. Истифодаи лабораторияи визуалӣ дар таълими фанни биология

26. Бахши география ва асосҳои иқтисодиёт

1. Истифодаи самараноки харитаи таълимӣ ва дигар маводи иловагии таълим дар дарсҳои география

2. Таксономияи сатҳи тафаккури хонандагон ва роҳҳои муайян кардани сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фанни география

3. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

4. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар дарсҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

5. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар дарсҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

6. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

7. Пул. Таърихи пайдоиш ва вазифаҳои он дар раванди ҷаҳонишавӣ

8. Ташкили бозӣ ва саёҳат ҳамчун воситаи донишандӯзии хонандагон дар раванди дарсҳои география

9. Роҳҳои истифодаи самараноки воситаҳои аёнии муосир дар дарсҳои география

10. Бонкҳо. Сабабҳои пайдоиш ва нақши онҳо дар раванди иқтисодиёти ҷаҳон

11. Мушоҳида ва таҷриба – воситаи фаъолгардонии хонандагон дар раванди омӯзиши фанни география

12. Даромади оилаҳо. Нобаробарии даромад ва оқибатҳои он

13. Бозор ва хусусиятҳои он. Омилҳои асосии рӯй овардан ба бозори ҷаҳонӣ

14. Воситаҳои фаъолгардонии хонандагон дар дарсҳои география

15. Муносибати босалоҳият дар дарсҳои география ва асосҳои иқтисодиёт.

16. Дарёфти омилҳои паст будани шавқ ва фаҳмиши хонандагон ба фанҳои география ва иқтисодиёт

17. Истифодаи харитаҳои таълимӣ, харитаҳои контурӣ, диаграммаҳо ва воситаҳои аёнӣ дар раванди таълими фанни география

18. Баланд бардоштани малакаҳои таҳлили равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

19. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон дар раванди таълими фанҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

20. Нақши арзёбии ташаккулдиҳанда дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳо дар фанҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

21. Ташкили дарсҳои шавқовар ва интерактивӣ барои фанҳои география ва иқтисодиёт

22. Баланд бардоштани малакаҳои кори гурӯҳӣ ва ҳамкорӣ дар рванди корҳои лоиҳавӣ аз фанни география

23. Дарёфт ва дастгирии хонандагони болаёқат аз фанни география.

24. Идоракунии вақти дарс ва тақсимоти он дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ аз фанни география

25. Таҳлили натиҷаҳои таълим ва истифодаи онҳо барои беҳбудии таълими фанҳои география ва асосҳои иқтисодиёт

27. Бахши суруд ва мусиқӣ

1. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанни суруд ва мусиқӣ

2. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ

3. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ

4. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ

5. Ташкил ва гузарондани чорабиниҳои «Истиқлол – бузургтарин дастоварди миллӣ», «Наврӯз ҷаҳонӣ шуд», «Ваҳдати миллӣ», «Меҳргон ҷашни миллист», «Дар ситоиши модар» ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз таҷриба)

6. Роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷудаи дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз таҷриба)

7. Нақши санъат ва фарҳанг дар тарбияи зебоипарастии кӯдакон ва наврасон

8. Мавқеи муассисаи таълимӣ, оила ва муҳит дар тарбияи эстетикии хонанда

9. Муҳиммияти омӯзиши суннатҳои қадимаи санъат ва мусиқии мардумӣ тавассути асбобҳои миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

10. Усулҳои омӯзиш ва технологияи таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар синфҳои 5-6

11. Хусусиятҳои фарққунандаи омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

12. Методҳои инноватсионии таълими дарси суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

13. Роҳҳои баланд бардоштани шавқ ва иштироки хонандагон дар чорабиниҳои фарҳангӣ

14. Рушди истеъдоди овозӣ ва мусиқӣ дар хонандагон

15. Мушкилоти фаҳмиши назарияи мусиқӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо

16. Баланд бардоштани малакаҳои иҷрои овозӣ ва мусиқӣ

17. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим (эҷоди гурӯҳӣ, хор, ансамблҳо, лоиҳаҳо)

18. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон бо сатҳҳои гуногуни қобилияти хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимии суруд ва мусиқӣ

19. Рушди малакаҳои эҷодӣ ва созандагӣ тавассути мусиқӣ ва суруд ва таҳлили мусиқӣ

20. Баланд бардоштани саводи мусиқӣ ва фаҳмиши қоидҳои мусиқӣ

21. Истифодаи асбобҳои мусиқӣ, аудиоматериалҳо, видеоматериалҳо дар дастаҳои ҳунарӣ

22. Ташкили мусиқӣ ва саҳнаҳои амалӣ барои инкишофи малакаҳои ансамблӣ

23. Дастгирии рушди истеъдодҳои санъати мусиқӣ ва овозхонӣ дар муассисаи таълимӣ

24. Нақши ташкили озмунҳо, консертҳо ва намоишгоҳҳои мусиқӣ дар муассисаи таълимӣ ва иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ дар рушди қобилияти сарояндагии хонандагон

28. Бахши технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

1. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанҳои технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

2. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар дарсҳои технологияи (таълими) меҳнат ва санъати тасвирӣ

3. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар дарсҳои технологияи (таълими) меҳнат ва санъати тасвирӣ

4. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанҳои технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

5. Таксономияи арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагон (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

6. Роҳҳои ҷалби хонандагон ба интихоби мақсадноки касб вобаста ба талаботи бозори меҳнат

7. Ташкил ва ҷиҳозонидани гӯшаи интихоби касб дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз таҷриба)

8. Омӯзиши ҳунарҳои миллии мардумӣ ва нақши онҳо дар чорабиниҳои беруназсинфӣ

9. Омӯхтани ҳунарҳои миллӣ ва роҳҳои ҷалби хонандагон ба касбҳои ба талаботи замон ҷавобгӯй

10. Ҳамкории омӯзгори фанни технология ва роҳбари синф дар интихоби касби хонандагон

11. Манбаъҳои шиносоӣ бо касбу ҳунарҳои гуногун ва роҳҳои соҳиб шудан ба касб

12. Ҳунарҳои миллӣ ва эҳёи онҳо

13. Тарзи ташкил ва таҷҳизонидани кабинети интихоби касб

14. Роҳҳои гузаронидани корҳои тарғиботӣ оид ба интихоби касб дар байни хонандагон

15. Истифодаи технологияи муосири таълим дар раванди машғулиятҳои таълимӣ аз фанҳои технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ (аз таҷриба)

16. Хусусиятҳои асосии таҳияи нақшаи таълимӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) ва тартиби таҳияи он

17. Истифодаи самараноки технологияи муосири рӯзгор ҳамчун воситаҳои аёнӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат)

18. Ташкили самараноки фаъолияти маҳфил яке аз омилҳои баланд бардоштани майлу рағбати хонандагон дар интихоби касб

19. Усулҳои таълими «Тасвир аз асл» дар ҷараёни дарси санъати тасвирӣ (аз таҷриба)

20. Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) дар гузарондани чорабиниҳои берун аз синфӣ ва беруназмактабӣ

21. Татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими фанҳои технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

22. Истифодаи таҷҳизоти визуалӣ дар таълими фанҳои технология ва санъати тасвирӣ

23. Рушди малакаҳои амалӣ ва дақиқкорӣ дар сохтмон ва саноат

24. Баланд бардоштани тафаккури эҷодкорӣ ва техникии хонандагон дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)

25. Ташкили муҳити бехатар ва риояи қоидаҳои бехатарии меҳнатӣ дар устохонаҳои таълимӣ

26. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон барои рушди қобилиятҳои техникӣ дар раванди таълими фанҳои таълими меҳнат ва санъати тасвирӣ

27. Истифодаи технологияи муосир ва дастгоҳҳои компютерӣ дар раванди таълими фанҳои таълими меҳнат ва санъати тасвирӣ

28. Ташкили машғулиятҳои интерактивӣ ва лоиҳаҳои амалӣ дар раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ

29. Ташаккули малакаҳои тарроҳӣ ва истеҳсолот дар раванди таълими технология (таълими меҳнат)

30. Пешгирии ҳолатҳои хатогиҳои техникӣ ва бехатарӣ дар таҷрибаҳо ва сохтмонҳо

31. Баланд бардоштани шавқу завқи эҷод ва маҳорати дастӣ

32. Рушди малакаҳои истифодаи маводи табиӣ ва техногенӣ ҳангоми иҷрои лоиҳаҳо

33. Ташкили озмунҳо ва намоишгоҳҳои корҳои ҳунарҳои эҷодӣ ва амалии хонандагон

29. Бахши технологияи иттилоотӣ

1. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ: назария ва амалия

2. Методҳои инноватсионӣ дар рушди салоҳиятҳои рақамии хонандагон

3. Асбобҳои рақамӣ барои таълими фосилавӣ ва омехта дар зинаи дуюм ва сеюми таҳсилоти умумӣ

4. Истифодаи платформаҳои таҳсилоти рақамӣ дар рушди малакаҳои хонандагон

5. Тарзи сохтани муҳити рақамии бехатар дар синф ва тарбияи фарҳанги рақамӣ

6. Мавқеи омӯзгори фанни ТИ дар рушди салоҳиятҳои омӯзишию таҳқиқотии хонандагон

7. Истифодаи бозии рақамӣ барои рушди тафаккури зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

8. Роҳҳои арзёбии салоҳиятҳои рақамии хонандагон бо истифодаи воситаҳои рақамӣ

9. Ҳамкорӣ бо падару модарон дар истифодаи воситаҳои ТИ ва таълими салоҳиятнок

10. Омӯзиши рамзгузорӣ ва алгоритмсозӣ: таҳкурсии малакаҳои касбӣ

11. Роҳҳои ташкили лоиҳаҳои гурӯҳӣ дар асоси принсипи «Омӯзиш дар амал»

12. Нақши омӯзиши компютер ва интернет дар рушди тафаккури интиқодӣ

13. Омодасозии хонандагон ба имтиҳонҳои байналмилалӣ ва озмунҳои фаннӣ бо истифодаи ТИ

14. Истифодаи платформаҳои онлайнӣ ва мултимедиявӣ дар таълим

15. Таъсис ва рушди захираҳои рақамии таълимӣ

16. Технологияҳо ва машқҳои интерактив дар фазои дарс

17. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ

18. Арзёбии ташхисӣ ва раванди истифодаи он дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ

19. Арзёбиҳои ҷамъбастӣ ва мавқеи натиҷаҳои онҳо дар дарсҳои технологияи иттилоотӣ

20. Воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва мавқеи истифодаи онҳо дар раванди таълими фанни технологияи иттилоотӣ

21. Риояи техникаи бехатарӣ ҳангоми ҷиҳозонидани кабинети технологияи иттилоотӣ

22. Банақшагирии маводи омӯзишӣ дар маҳфили «Барномасозони ҷавон» ва ҷалби хонандагон ба он

23. Истифодаи барномаҳои компютерӣ дар ҳалли мисолу масъалаҳо

24. Нақши фанни технологияи иттилоотӣ дар худтакмилдиҳии касбии омӯзгорон

25. Роҳу усулҳои таҳияи барномасозӣ дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ

26. Тарзи ташкил ва гузарондани санҷишу имтиҳонҳои тестӣ аз фанни технологияи иттилоотӣ

27. Роҳҳои тайёр намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ дар раванди таълим

30. Бахши тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ

1. Муқаррароти низоми баҳогузории 10-хола, меъёрҳои арзёбӣ ва методологияи татбиқи онҳо дар таълими фанҳои тарбияи ҷисмонӣ ва ОИҲ

2. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва равнақи Қувваҳои Мусаллаҳ

3. Истифодаи салоҳиятҳои фаннӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидои ҳарбӣ

4. Салоҳиятҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ

5. Раванди инноватсионии таълим дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ

6. Тартиби ҷиҳозонидани толор ва майдончаҳои варзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (аз таҷриба)

7. Аҳаммияти тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ ва хештаншиносӣ дар дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ

8. Роҳу усулҳои методикаи муосири таълими машқҳои сафоро (аз таҷриба)

9. Аҳаммияти машқҳои ҳарбӣ-варзишӣ дар тарбияи ватанпарастии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ

10. Ташаккули шахс ва тарбияи ҳисси ватандӯстии хонандагон дар раванди таълими омодагии ибтидоии ҳарбӣ

11. Истифодаи дурусти технологияи инноватсионии таълим дар раванди омӯзиши фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ

12. Роҳҳои баланд бардоштани ҳисси ватанпарастии хонандагон дар раванди таълими омодагии ибтидоии ҳарбӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва чорабиниҳои беруназсинфӣ

13. Тартиби банақшагирии машғулиятҳои фанни омодагии ибтидои ҳарбӣ барои синфҳои 10-11

14. Тартиби ҷиҳозонидани майдончаҳои варзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ (аз таҷриба)

15. Мавқеи роҳбари омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастии ҷавонписарон

16. Аҳаммияти машқҳои саҳроии ҳарбӣ-варзишӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва хештаншиносии хонандагон (аз таҷриба)

17. Усулҳои беҳтар намудани омодагии варзишӣ ва ҳарбии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (аз таҷриба)

18. Роҳҳои тайёр намудани хонандагон ба чорабиниҳои варзишии беруназсинфӣ

19. Роҳҳои ҷалби хонандагон ба гурӯҳҳои варзишгарони ҷавон дар муассисаҳои таълимӣ (аз таҷриба)

20. Пешгирии осеби ҷисмонӣ ва таъмини бехатарӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбӣ

21. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон бо сатҳҳои гуногуни қобилияти ҷисмонӣ

22. Рушди фаҳмиши аҳаммияти варзиш ва саломатӣ дар ҳаёти хонандагон

23. Баланд бардоштани қобилияти интизом ва барқарорсозии малакаҳои сахтгирӣ дар раванди гузаронидани чорабиниҳои варзишӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстӣ

24. Баланд бардоштани қобилияти таҳаммул ва устуворӣ тавассути варзиш

25. Рушди малакаҳои стратегӣ ва тактикӣ дар бозӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ

26. Баланд бардоштани малакаҳои омӯзгор дар гузаронидани машғулиятҳои динамикӣ ва серҳаракат

27. Ташкили мусобиқаҳо ва озмунҳо дар самти солимии ҷисмонӣ

28. Рушди малакаҳои зеҳнӣ ва тактикии хонандагон тавассути варзиш

29. Ташкили муҳити дӯстона ва мусоид дар чорабиниҳои варзишӣ

30. Рушди малакаҳои ҷисмонӣ ва тайёрии физикӣ барои фаъолияти омодагии ибтидоии ҳарбӣ

31. Ташкили низоми ҳарбӣ ва интизоми шахсӣ дар раванди машғулиятҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ

32. Баланд бардоштани фаҳмиши аҳаммияти тарзи ҳаёти солим ва инкишофи ҷисмонии хонандагон

34. Муносибати инфиродӣ ба хонандагон бо сатҳҳои гуногуни қобилияти ҷисмонӣ

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ

Ҳаҷми умумии ҳамлу нақл байни Тоҷикистон ва Қазоқистон 5,8 фоиз афзудааст.

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»



Вақте чароғи дониш фурӯзон аст...

Муқаддима

Дар таърихи ҳар миллат рухдодҳое вуҷуд доранд, ки на танҳо сарнавишти сиёсӣ, балки сарнавишти маънавӣ, фарҳангӣ ва фикрии ҷомеаро дигаргун месозанд. Барои халқи тоҷик чунин рӯйдоди тақдирсоз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мебошад, ки дар фазои он тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, бахусус, маориф ба марҳалаи нави рушду таҳаввул ворид гардиданд. Агар истиқлолро пояи давлатдорӣ донем, маорифро метавон сутуни устувори он номид, зеро маҳз тавассути мактаб, омӯзгор ва маърифат миллат роҳи худро дар таърих муайян мекунад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар вазъи ниҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ қарор дошт. Ҷанги шаҳрвандӣ, бухрони иқтисодӣ, муҳоҷират, косташавии имкониятҳои иҷтимоӣ ва камбудиҳои зиёди моддӣ ба ҳамаи бахшҳои ҷомеа, аз ҷумла, маориф таъсири амиқ расонданд. Баъзе мактабҳо қатъи фаъолият карданд, омӯзгорон бо мушкилоти рӯзгор рӯ ба рӯ шуданд. Дар чунин шароит бисёре аз кишварҳо, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои амниятӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳ мекарданд, аммо давлати мо таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғоз ба он қарор буданд, ки эҳёи давлат бидуни эҳёи маориф имконнопазир аст.

Аз ҳамин ҷост, ки масъалаи рушди маориф тадриҷан ба меҳвари сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Пешвои миллат дар суханрониҳои худ пайваста таъкид менамоянд, ки «ояндаи давлат аз мактаб оғоз меёбад» ва «сарнавишти миллат дар дасти омӯзгор аст». Ин таъкидҳо ба сиёсати фарогири давлатӣ табдил ёфтанд ва дар доираи ин сиёсат бунёди мактабҳо, таҳияи барномаҳои давлатӣ, рушди технологияҳои таълимӣ, баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ амалӣ гардиданд.

Дар тӯли 35 соли Истиқлоли давлатӣ маорифи Тоҷикистон роҳи пурпечутоб, вале пурифтихореро тай намуд. Аз мактабҳои фарсудаву норасоии китобҳои дарсӣ то таъсиси муассисаҳои муосири президентӣ, аз маҳдудияти имкониятҳои технологӣ то татбиқи унсурҳои иқтисоди рақамӣ дар низоми таълим, аз бухрони норасоии кадрҳо то ташкили озмунҳои байналмилалии зеҳнӣ нишон медиҳанд, ки маорифи тоҷик дар фазои истиқлол ба яке аз бахшҳои фаъоли рушди миллӣ табдил ёфт.

Имрӯз мактаб ҳамчун як маркази ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллӣ, маърифати сиёсӣ ва тарбияи шаҳрванд шинохтаю эътироф мешавад. Агар дар гузашта вазифаи асосии мактаб танҳо додани дониш буд, имрӯз рисолати он, инчунин, тарбияи инсонест, ки тавонад дар ҷаҳони пуртазоди муосир мавқеи худро муайян намояд, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро ҳифз кунад ва дар рушди давлат саҳм гузорад.

Маҳз ба ҳамин хотир, таҳлили рушди маориф дар даврони истиқлол танҳо баррасии омору нишондиҳандаҳо нест. Ин таҳлили роҳи давлатдорӣ, худшиносӣ ва ташаккули насли нав мебошад.

Истиқлол ва оғози марҳалаи нави маорифи миллӣ

Ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ барои Тоҷикистон танҳо тағйири низоми сиёсӣ набуд. Ин рӯйдод дари эҳёи арзишҳои миллӣ, бознигарии низоми таълим ва ташаккули модели нави маорифи миллиро боз намуд. Дар солҳои нахустини истиқлол, ки мушкилоти иқтисодӣ ва нооромии сиёсӣ кишварро фаро гирифта буданд, ҳифз ва нигоҳдории низоми маориф худ як қаҳрамонӣ ба ҳисоб мерафт.

Он солҳо дар бисёр минтақаҳои кишвар омӯзгорон моҳҳо бе маош фаъолият мекарданд, аммо мактабро тарк наменамуданд. Онҳо дарк мекарданд, ки агар чароғи маърифат хомӯш шавад, ҷомеа ба торикӣ меравад. Аз ҳамин рӯ, солҳои аввали истиқлолро метавон солҳои фидокории аҳли маориф номид.

Давлат низ барои нақот ва рушди соҳа тадбирҳои мушаххас андешид. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», таҳияи стандартҳои нави таълимӣ, таъсиси муассисаҳои типи нав ва рушди низоми таҳсилоти касбӣ аз ҷумлаи иқдомҳое буданд, ки асоси ислоҳоти соҳа гардиданд.

Дар ин марҳала масъалаи забони таълим ва муҳтавои миллии таҳсилот низ аҳаммияти махсус пайдо кард. Китобҳои дарсӣ бо дарназардошти арзишҳои миллӣ таҳия шуданд, таърихи миллат бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт ва масъалаи худшиносии миллӣ ба қисми муҳимми сиёсати таълимӣ табдил ёфт. Ин иқдомҳо барои ташаккули насли дорои ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ замина фароҳам оварданд.

Дар баробари ин, давлат ба рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ дод. Донишгоҳҳо ва донишкадаҳои нав таъсис ёфтанд, ҳамкориҳои байналмилалӣ густариш пайдо карданд ва имконияти таҳсил дар хориҷи кишвар барои ҷавонон фароҳам омад. Квотаҳои президентӣ барои таҳсили ҷавонон дар хориҷ аз кишвар яке аз иқдомҳои муҳимме буд, ки дар омодасозии кадрҳои рақобатпазир нақши калидӣ бозид.

Пешвои миллат ва сиёсати маорифпарварона

Дар таърихи давлатҳо шахсиятҳое ҳастанд, ки на танҳо роҳбари сиёсӣ, балки меъмори ҷаҳонбинии миллӣ мешаванд. Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол чунин шахсият Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ки аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ масъалаи маорифро ҳамчун омили сарнавиштсози давлатдорӣ матраҳ карданд.

Дар суханрониҳои Пешвои миллат маориф ҳамеша ҷойгоҳи меҳварӣ дорад. Ин таваҷҷуҳ тасодуфӣ нест. Зеро давлате, ки мехоҳад дар ҷаҳони муосир мавқеи устувор дошта бошад, пеш аз ҳама, бояд ба рушди инсон сармоягузорӣ кунад. Аз ҳамин нигоҳ, сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат на танҳо ба сохтмони мактабҳо, балки ба ташаккули тафаккури миллӣ низ нигаронида шудааст.

Дар даврони истиқлол садҳо муассисаи нави таълимӣ бунёд ва азнавсозӣ гардиданд. Агар солҳои аввал норасоии ҷойи нишаст ва фарсудагии биноҳои таълимӣ мушкили ҷиддӣ буд, имрӯз дар бисёр шаҳру ноҳияҳо мактабҳои ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ фаъолият доранд. Муассисаҳои президентӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва марказҳои рушди истеъдодҳо аз ҷумлаи намунаҳои равшани сиёсати хирадбунёди давлат дар ин самт мебошанд.

Баланд бардоштани музди меҳнат, қабули қонунҳои марбут ба мақоми омӯзгор, дастгирии омӯзгорони ҷавон ва эҳтироми аҳли маориф дар сатҳи давлатӣ нишон медиҳад, ки омӯзгор дар сиёсати иҷтимоии кишвар ҷойгоҳи махсус дорад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву илмӣ ба роҳ монда шуданд, ки дар бедории маънавии ҷомеа ва ҷалби ҷавонон ба илму дониш нақши муассир гузоштанд.

Мактаб – маркази ташаккули худшиносии миллӣ

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои маорифи замони истиқлол табдил ёфтани мактаб ба маркази худшиносии миллӣ мебошад. Агар дар баъзе даврaҳои таърихӣ муҳтавои таълим бештар хусусияти идеологӣ дошт, имрӯз мактаби тоҷик вазифаи тарбияи шаҳрванди соҳибватан, соҳибфарҳанг ва худогоҳро иҷро мекунад.

Дар китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ ва фаъолиятҳои тарбиявӣ масъалаҳои таърих, фарҳанг, забон ва арзишҳои миллӣ ҷойгоҳи махсус пайдо карданд.

Ин раванд барои ҳифзи ҳувияти миллӣ аҳаммияти бузург дорад. Дар ҷаҳони муосир, ки ҷаҳонишавӣ баъзан ба яксоншавии фарҳангҳо меорад, мактаб бояд шахсиятеро тарбия кунад, ки ҳам муосир бошад ва ҳам решаҳои миллии худро ҳифз намояд.

Дар ин замина, омӯзгор нақши калидӣ мебозад. Зеро омӯзгор танҳо интиқолдиҳандаи дониш нест, балки ӯ меъмори руҳи ҷомеа аст. Маҳз аз муносибат, ҷаҳонбинӣ ва сухани омӯзгор сатҳи маънавии насли нав вобаста аст.

Дар солҳои истиқлол образи омӯзгор низ тағйир ёфт. Имрӯз ҷомеа омӯзгорро бештар ҳамчун шахсияти фарҳангсоз ва роҳнамои маънавӣ мешиносад. Ин муносибат, махсусан, дар деҳот аҳаммияти бештар дорад, зеро мактаб дар бисёр минтақаҳо ягона маркази маърифат ва фарҳанг мебошад.

Воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот

Яке аз хусусиятҳои муҳимми рушди маорифи даврони истиқлол пайвастани низоми таълим ба равандҳои ҷаҳонӣ мебошад. Тоҷикистон тадриҷан ба модели нави таҳсилот гузашт, ки дар он сифати дониш, рақобатпазирии кадрҳо ва истифодаи технологияҳои муосир аҳаммияти бештар пайдо кард.

Татбиқи низоми кредитӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, рушди таҳсилоти иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки низоми маорифи кишварро ба фазои ҷаҳонӣ наздик намуданд.

Имрӯз ҷавонони тоҷик дар даҳҳо кишвари ҷаҳон таҳсил мекунанд ва дар олимпиадаҳои байналмилалӣ иштирок менамоянд. Дастовардҳои хонандагони тоҷик дар фанҳои дақиқ ва технологияҳои иттилоотӣ нишон медиҳанд, ки маорифи миллӣ тадриҷан ба сатҳи нави рақобатпазирӣ ворид мегардад.

Дар баробари ин, рушди иқтисоди рақамӣ талаб мекунад, ки мактабҳо ва донишгоҳҳо низ ба тағйирот мутобиқ шаванд. Аз ҳамин рӯ, масъалаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, математика ва технологияҳои иттилоотӣ имрӯз ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Бо вуҷуди пешрафтҳо, соҳа ҳанӯз ҳам ба ислоҳоти амиқ ниёз дорад. Сифати таҳсил, омодасозии кадрҳои баландихтисос, рушди илмҳои дақиқ, такмили китобҳои дарсӣ ва баланд бардоштани малакаи омӯзгорон аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи доимиро талаб мекунанд.

Аммо муҳим он аст, ки имрӯз ҷомеа моҳияту аҳаммияти соҳаи маорифро дарк кардааст. Агар замоне таҳсил танҳо воситаи гирифтани касб ҳисоб мешуд, имрӯз он ҳамчун шарти рушди шахсият ва давлат арзёбӣ мегардад.

Озмунҳо ва эҳёи фазои маърифатӣ

Дар солҳои охир дар ҷомеаи Тоҷикистон падидаи ҷолибе ба вуҷуд омад: бозгашти муҳаббат ба китоб, дониш ва фарҳанги мутолиа. Дар ин раванд нақши озмунҳои ҷумҳуриявӣ ниҳоят бузург аст.

Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тамоми ҷомеаро ба мутолиа ҷалб намуд. Дар деҳаҳои дурдаст кӯдаконе пайдо шуданд, ки осори зиёди классиконро азёд мехонанд ва бо фарҳанги миллӣ хуб ошноӣ доранд. Ин озмун муҳити маънавии ҷомеаро дигаргун сохт.

Ҳамчунин, озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» таваҷҷуҳи ҷавононро ба илмҳои дақиқ бештар намуд. Имрӯз дар бисёр мактабҳо шавқи омӯзиши математика, физика ва технологияҳои муосир боло рафтааст.

Ин раванд нишон медиҳад, ки ҷомеа тадриҷан аз истеъмолгароӣ ба сӯйи маърифатмеҳварӣ ҳаракат дорад. Дар ҷомеае, ки китоб ва дониш арзиш пайдо мекунад, имконияти рушди устувор бештар мешавад.

Омӯзгори эҷодкор – неруи пешбари ҷомеа

Дар рушди маориф нақши омӯзгор ҳалкунанда аст. Ҳар қадаре ки бинои мактаб зебою муҷаҳҳаз бошад, бе омӯзгори соҳибмаърифат он наметавонад рисолати худро иҷро кунад. Аз ҳамин рӯ, яке аз муҳимтарин дастовардҳои замони истиқлол эҳёи мақоми омӯзгор мебошад.

Имрӯз дар мактабҳои кишвар омӯзгорони зиёде фаъолият мекунанд, ки бо усулҳои нав, технологияҳои муосир ва ҷаҳонбинии эҷодкорона дарс мегӯянд. Онҳо дарк мекунанд, ки насли имрӯз дигар насли дирӯза нест ва муносибати навро талаб мекунад.

Омӯзгори муосир бояд на танҳо донандаи фан, балки равоншинос, тарбиятгар ва роҳнамои маънавӣ бошад. Ӯ бояд дар дили хонанда орзу, шавқ ва ҳисси ватандӯстиро бедор кунад.

Дар деҳоти Тоҷикистон омӯзгорон аксаран нақши зиёиро иҷро мекунанд. Онҳо дар маъракаҳои фарҳангӣ, корҳои ҷамъиятӣ ва тарбияи иҷтимоии ҷомеа саҳми фаъол доранд. Бисёр деҳаҳо маҳз бо фаъолияти омӯзгорон руҳи фарҳангии худро нигоҳ доштаанд.

Дар баробари ин, имрӯз Тоҷикистон ба омӯзгорони навовар, муҳаққиқони ҷавон, олимони рақобатпазир ва ҷавонони дорои тафаккури миллӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, мактаб бояд на танҳо дониш диҳад, балки инсон созад, инсони созгор ба ниёзҳои ҷомеаи муосир.

Хулоса

Таҳаввули маорифи Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ яке аз муҳимтарин саҳифаҳои таърихи навини кишвар мебошад. Дар тӯли 35 сол соҳа аз як марҳалаи бисёр душвор ба марҳалаи рушди устувор расид. Ин роҳ осон набуд. Он бо талошҳои Пешвои муаззами миллат ва фидокориҳои омӯзгорон тай гардид.

Имрӯз мактабҳои нав, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, рушди технологияҳои таълимӣ, дастовардҳои байналмилалии хонандагон ва болоравии мақоми омӯзгор нишон медиҳанд, ки маориф ба яке аз соҳаҳои калидии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Муҳимтар аз ҳама, дар ҷомеа эҳсоси эҳтиром ба дониш ва омӯзгор бештар шудааст. Миллате, ки омӯзгорро эҳтиром мекунад, ояндаи худро ҳифз менамояд. Миллате, ки ба китоб рӯ меорад, худро аз торикӣ наҷот медиҳад.

Бо боварии комил рушди маорифро метавон муҳимтарин дастоварди маънавии Истиқлоли давлатӣ номид. Зеро давлатро метавон бо иқтисод қавӣ кард, аммо миллатро танҳо бо маърифат метавон пойдор нигоҳ дошт.

Вақте чароғи дониш фурӯзон аст, чароғи истиқлол низ хомӯш нахоҳад шуд.

Маҳина ЁҒИБЕКОВА,
омӯзгори забони англисии муассисаи таълимии ғайридавлатии «Фурӯғи илм», ноҳияи Рӯдакӣ

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 55 муассисаи томактабӣ бунёд карда мешавад.

Машав он ҷо, ки донаи тамаъ аст,
Зери дона нигар, ки доми балост!
Масъуди Саъди Салмон

МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

Амали номатлубро пешгирӣ мебояд

Дар ҷаҳони муосир коррупсия ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва яке аз мушкилоти глобалии иҷтимоӣ эътироф гардида, ба рушди босуботи давлатдорӣ ва устувории ниҳодҳои муҳимми ҷомеа, бахусус, иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳанг ва ахлоқ таъсири харобиовар мерасонад. Ин амали номатлуб на танҳо пояҳои демократия ва идоракунии самараноки давлатиро заиф мегардонад, балки сатҳи эътимоди шаҳрвандонро ба адолати иҷтимоӣ коҳиш дода, ба як монеаи ҷиддӣ дар роҳи пешрафти устувори ҷомеа табдил меёбад. Аз ин рӯ, муқовимат ба ин «вабои аср» на танҳо вазифаи сохторҳои давлатӣ, балки масъулияти маънавию шаҳрвандии ҳар як фарди худогоҳ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Маҳз дар ҳамин замина, нақши илм ва маърифат ҳамчун механизми муассири пешгирӣ ва коҳиш додани ин падида аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар заминаи таҳлилҳои илмӣ коррупсия на танҳо ҳамчун сӯйистифода аз ваколатҳои мансабӣ ба хотири манфиатҳои шахсӣ, балки ҳамчун раванди вайрон шудани шуури ҷамъиятӣ ва дуршавӣ аз арзишҳои бунёдии ахлоқ, адолат ва масъулияти иҷтимоӣ маънидод мегардад. Дар ҷомеае, ки сатҳи маърифати илмӣ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ баланд аст, омилҳои иҷтимоӣ ва равонии тавлидкунандаи коррупсия ба таври назаррас маҳдуд мешаванд. Илм дар ин маврид ҳамчун як сипари боэътимоди маънавӣ амал намуда, ба шахс имкон медиҳад, ки аз манфиатҳои кӯтоҳмуддати ғаразнок даст кашида, ба арзишҳои рушди дарозмуддат, шаффофият ва адолат такя намояд. Аз ин лиҳоз, ташаккули тафаккури зиддикоррупсионӣ, ки бар пояи дониш, худшиносӣ ва масъулиятшиносӣ устувор аст, дар меҳвари сиёсати ҳуқуқии давлатҳои пешрафта, аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст.

Муқовимат ба ин падида тақозо менамояд, ки мо коррупсияро на танҳо ҳамчун кирдори ҷиноятии алоҳида, балки ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори давлат арзёбӣ намоем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин масъала зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар (26.12.2019) чунин таъкид намуданд: «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад». Ин андешаи муҳимми Сарвари давлат моҳияти фарогири коррупсияро ба таври равшан инъикос менамояд. Яъне, коррупсия танҳо як амали ғайриқонунӣ набуда, балки омиле мебошад, ки ба имиҷи байналмилалии кишвар латма зада, ҳамзамон, боиси коҳиши эътимоди ҷомеа ба низоми идоракунӣ ва адолати иҷтимоӣ мегардад. Аз ин рӯ, мубориза бо он ба сифати як самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва шарти муҳимми таъмини суботи ҷомеа маънидод мегардад.

Маҳз ба ҳамин хотир, муқовимати муассир ва дастҷамъона ба коррупсия бояд тамоми сатҳҳои иҷтимоиро фаро гирад. Тарбияи ахлоқии насли наврас, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ ва таъмини иҷрои қатъии қонунҳо унсурҳои калидии ин раванд ба ҳисоб мераванд. Танҳо дар сурати ҳамгироии ин омилҳо метавон заминаи устувори ҷомеаи солим ва давлати ҳуқуқбунёдро фароҳам овард. Дар ин замина, ташаккули ҷомеаи солимро метавон ҳамчун як низоми зинавии пайдарпай арзёбӣ намуд, ки ҳар як зинаи он дар таҳкими муҳити зиддикоррупсионӣ нақши хоси худро дорад.

Мубориза бо коррупсия набояд танҳо ба тадбирҳои ҷазодиҳанда маҳдуд гардад, балки пеш аз ҳама, бояд ба таҳкими пояҳои маърифатӣ, фарҳангӣ ва илмии ҷомеа такя намояд. Ин равиш ба он асос меёбад, ки решаҳои аслии коррупсия на танҳо дар камбуди назорати ҳуқуқӣ, балки дар сатҳи пасти шуури ҳуқуқӣ ва маърифати шаҳрвандон нуҳуфтаанд. Аз ин рӯ, Сарвари давлат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ муқовимат ба коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намуда, пайваста таъкид медоранд, ки бе рушди илму дониш ва ташаккули тафаккури созанда решакан намудани ин падидаи номатлуб ғайриимкон мебошад.

Маҳз бо мақсади илмӣ ва низомнок гардонидани мубориза бо коррупсия Сарвари кишвар зимни суханронӣ ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дастур доданд: «Таъсиси шуъба ё кафедраи пешгирии коррупсия дар муассисаҳои дахлдори таҳсилоти олии кишвар, таҳияву нашри адабиёти назариявӣ ва амаливу методӣ оид ба коррупсия, варақаҳои рекламавии огоҳкунанда ва ба ҷойҳои ҷамъиятӣ дастрас намудани онҳо яке аз роҳҳои муассири баланд бардоштани самаранокии мубориза бо коррупсия мебошад».

Ин иқтибос сиёсати давлатиро оид ба татбиқи механизмҳои илмӣ-таълимӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия ба таври равшан инъикос менамояд. Ин таваҷҷуҳи хоссаи Пешвои миллат нишон медиҳад, ки илм бояд ҳамчун як сипари боэътимоди маънавӣ ва зеҳнӣ хизмат намояд. Таъсиси кафедраҳои тахассусӣ, таҳия ва нашри адабиёти методию илмӣ, инчунин, густариши корҳои фаҳмондадиҳӣ далели он аст, ки давлат саъй дорад мубориза бо коррупсияро аз доираи маҳдуди чорабиниҳои ҳуқуқӣ ба сатҳи васеи маърифатӣ бардорад. Чунин равиши комплексӣ имкон медиҳад, ки насли наврас ва ҷомеа, дар маҷмуъ, на танҳо аз тарси ҷазо, балки дар заминаи дониши амиқ, ҷаҳонбинии солим ва ҳисси баланди масъулиятшиносӣ аз кирдорҳои коррупсионӣ канорагирӣ намоянд. Дар натиҷа, арзишҳои миллӣ, манфиатҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои адолат дар зеҳну рафтори шаҳрвандон ҷойгоҳи устувор пайдо мекунанд.

Оила ҳамчун ниҳоди аввалини иҷтимоӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва масъулиятшиносии шахсият нақши ҳалкунанда мебозад. Агар дар фазои оилавӣ принсипҳои ростқавлӣ, ҳалолкорӣ, эҳтиром ба қонун ва нафрат ба ҳаромхӯрӣ ба таври пайгирона тарғиб шаванд, чунин тарбия заминаи устувори ташаккули шахсияти зиддикоррупсиониро фароҳам меорад. Дар ин сурат, кӯдак на танҳо меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад, балки онҳоро ҳамчун меъёри дохилии рафтори худ дар тамоми марҳалаҳои ҳаёт нигоҳ медорад. Аз ҳамин лиҳоз, таҳкими тарбияи оилавӣ яке аз самтҳои калидии сиёсати маърифатӣ дар мубориза бар зидди коррупсия маҳсуб меёбад.

Дар низоми мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ нақши илму маориф дар пешгирӣ ва маҳдуд намудани зуҳуроти коррупсионӣ бағоят муҳим мебошад. Муассисаҳои таълимӣ на танҳо марказҳои интиколи дониш, балки муҳити ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрвандӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва масъулиятшиносии насли наврас ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, риояи интизоми таълимӣ, иштироки мунтазам дар дарсҳо, саъйю кӯшиш барои аз худ намудани донишҳои босифат ва эҳсоси баланди масъулиятшиносӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён ҳамчун омилҳои муҳимми пешгирии коррупсия баромад мекунанд. Ҳамзамон, талаб намудани маблағ барои санҷишу имтиҳонҳо ва дигар шаклҳои муносибатҳои ғайриқонунӣ дар раванди таълим кирдорҳои номатлуб буда, ба пояҳои адолат ва сифати таҳсилот зарбаи ҷиддӣ мерасонанд. Дар чунин шароит татбиқи механизмҳои шаффоф, аз ҷумла, пардохти қонунии маблағҳои таҳсил тавассути низоми бонкӣ ва густариши рақамикунонии соҳаи маориф метавонад сатҳи эътимоднокӣ ва адолатро дар ин самт ба таври назаррас боло барад.

Низоми маориф на танҳо фазои касбомӯзӣ, балки сипари аввалини мубориза бар зидди коррупсия ва кафили солимии маънавию иҷтимоии ҷомеа мебошад. Дар ин замина, бояд дарк намуд, ки муқовимат ба коррупсия дар соҳаи маориф танҳо масъалаи иқтисодӣ нест, балки масъалаи ҳаётан муҳиммест, ки ба амнияти инсон, рушди устувори ҷомеа ва ояндаи миллат иртиботи бевосита дорад. Танҳо тавассути ҳамгироии тарбияи ахлоқӣ, таҳкими маърифати ҳуқуқӣ ва таъмини дастрасӣ ба донишҳои мукаммал метавон насли наврасеро ба камол расонид, ки манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои умумибашариро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузошта, бо рӯҳияи зиддикоррупсионӣ дар роҳи пешрафти давлати соҳибистиқлол саҳми арзанда мегузорад. Маҳз ҳамин иттиҳоди устувори илм, ахлоқ ва қонун пойдевори ҷомеаи адолатпарвар ва давлати муосири орӣ аз фасодро ташкил медиҳад.

Ҳар гуна каҷравӣ метавонад ба амнияти миллӣ таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванд барои бунёди ҷомеаи солим ва давлати мустаҳкам аҳаммияти калидӣ дорад, зеро илму дониш, воқеан, беҳтарин сипар дар муқобили коррупсия маҳсуб меёбад.

Хулоса, коррупсия падидаест, ки решаҳои онро танҳо бо роҳи таҳкими маърифати ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва масъулияти дастҷамъонаи тамоми қишрҳои ҷомеа метавон аз байн бурд. Ин зуҳурот на танҳо зарари молиявӣ, балки пайомадҳои амиқи иҷтимоӣ ва равонӣ дошта, рушди босуботи сиёсиву иқтисодиро маҳдуд месозад. Ояндаи дурахшони Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз масъулияти имрӯзаи ҳар як узви ҷомеа вобастагии мустақим дорад.

Ф. ҲОДИБОЕВ,
номзади илми фалсафа,
дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

МУЛОҲИЗА

Дар ҷаҳони муосир илм ва маориф ҳамчун неруи бузурги пешбарандаи ҷомеа эътироф гардидаанд. Ҳар як давлате, ки ба рушди илм, техника ва технология аҳаммияти ҷиддӣ медиҳад, метавонад дар роҳи тараққиёт қадамҳои устувор гузорад. Маҳз ҳамин аст, ки имрӯз таваҷҷуҳ ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла, дар кишвари мо бештар мегардад. Фанҳои бунёдӣ, аз қабили математика, физика, химия, биология ва технологияи иттилоотӣ дар ташаккули тафаккури илмӣ ва ҷаҳонбинии хонандагон нақши муҳим доранд. Омӯзиши фанҳои дақиқ ба хонандагон имкон медиҳад, ки мушкилотро таҳлил намоянд ва роҳи дурусти ҳалли онҳоро пайдо созанд.

Омӯзиши фанҳои дақиқ дар мадди аввал



Имрӯз тамоми пешрафтҳои илму техника ба фанҳои дақиқ вобастагӣ доранд. Рушди технологияҳои иттилоотӣ, сохтмони дастгоҳҳои муосир, истифодаи энергияи барқ, омӯзиши кайҳон ва дигар ихтироот маҳз самараи донишҳои илмӣ мебошанд. Аз ҳамин сабаб, давлат ба соҳаи маориф ва омода намудани мутахассисони баландихтисос диққати махсус медиҳад. Боиси ифтихор аст, ки солҳои охир дар кишвар барои рушди фанҳои бунёдӣ шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и ноҳияи Рӯшон низ ба таълими фанҳои дақиқ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Омӯзгорон дар ин самт тамоми кӯшиши худро ба харҷ медиҳанд, то хонандагон аз донишҳои замонавӣ бархӯрдор гарданд. Дар раванди таълим аз усулҳои муосир ва фаъоли омӯзиш, корҳои амалӣ ва таҷрибаҳои илмӣ истифода бурда мешавад, ки ин барои беҳтар фаҳмидани мавзуъ ва рушди қобилияти эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

Фанни физика, ки яке аз илмҳои асосии табиатшиносӣ ба ҳисоб меравад, дар ҳаёти инсон мавқеи муҳим дорад. Омӯзиши физика ба хонандагон имкон медиҳад, ки қонунҳои табиатро дуруст дарк намоянд ва аз робитаи илм бо ҳаёт огоҳ бошанд. Имрӯз бе донишҳои физикӣ рушди техника, энергетика, алоқа ва дигар соҳаҳои муҳим ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, омӯзиши амиқи ин фан барои ҳар хонанда аҳаммияти калон дорад. Дар баробари омӯзиш, тарбияи шавқу ҳавас ба илм низ вазифаи муҳимми омӯзгорон мебошад. Вақте хонанда ба илм меҳр пайдо мекунад, барои донишомӯзӣ бештар талош менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дастгирии падару модарон дар ин самт муҳим мебошад. Агар оила ба таълиму тарбияи фарзанд диққати ҷиддӣ диҳад ва ӯро ба донишандӯзӣ ҳидоят намояд, натиҷаҳои хуб ба даст меоянд. Ҳамкории мактаб ва оила метавонад барои тарбияи насли босаводу ватандӯст заминаи устувор гузорад.

Имрӯз ҷавонони мо бояд дарк намоянд, ки дониш сарвати бузургтарин аст. Давлате пешрафта мегардад, ки ҷавонони соҳибмаърифат ва ихтироъкор дошта бошад. Аз ин хотир, ҳар як хонанда бояд вақти худро самаранок истифода бурда, ба омӯзиши фанҳои дақиқ диққати махсус диҳад, зеро маҳз дониш роҳи расидан ба орзуҳо ва муваффақиятҳоро ҳамвор месозад.

Авалмо ШОҚАЛАНДАРОВА,
омӯзгори физикаи МТМУ №9-и ноҳияи Рӯшон

Дар Конфронси ФАО дар шаҳри Душанбе тағйирёбии иқлим, аз байн рафтани гуногунии биологӣ ва вайроншавии замин баррасӣ шуд.

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Ҳисоб намудани қиматҳои ифодаҳои алгебравӣ

Масъалаи 60. Агар $x + xy + y = 76$ ва $x, y, \in Z$ бошад, қимати $x + y$-ро ёбед?

Масъалаи 61. Агар t решаи муодилаи $x^2 + 3x - 3 = 0$ бошад, қимати ифодаи $\sqrt[3]{2t^3 - 1} - t$-ро ёбед.

Масъалаи 62. Сода кунед: $\frac{36^n + 6^{n+1} + 8}{2^{n+1} + 12^n} - \frac{4}{2^n}$.

Масъалаи 63. Агар $x^8 + \frac{1}{x^8} = 2$ бошад, қимати ифодаи $x^{2024} + \frac{1}{x^{2024}}$ -ро ҳисоб кунед.

Масъалаи 64. Қимати ифодаи $x^3 + \frac{1}{x^3} = 2$ -ро ёбед, агар $\frac{x^2}{x^4 + 1} = \frac{1}{98}$ ва $x > 0$ бошад.

Ҳалли масъалаҳо

60. Ҳал. Ифодаи $x + xy + y$-ро ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$x + xy + y = 76;$

$x \cdot 1 + xy + y + 1 = 76 + 1;$

$x \cdot (1 + y) + (y + 1) \cdot 1 = 77;$

$(x + 1)(y + 1) = 77.$

Азбаски $x + 1 = 1$ ва $y + 1 = 1$ шуда наметавонад, бинобар ин, $x + 1 \geq 2$ ва $y + 1 \geq 2$ мешавад. Акнун тарафи рости муодиларо тариқи зерин ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$(x + 1)(y + 1) = 1 \cdot 77 = 77 \cdot 1 = 11 \cdot 7 = 7 \cdot 11$

Аммо мувофиқи СҚР дар $(x + 1)(y + 1) = 1 \cdot 77 = 77 \cdot 1$ ба соҳаи ҳал дохил намешавад. Бинобар ин, мо фақат як ҳолати $(x + 1)(y + 1) = 11 \cdot 7$-ро муоина мекунем:

Муодилаи охирон ба системаи муодилаҳои зерин баробарқувва мешавад:

$$\begin{cases} x + 1 = 11, \\ y + 1 = 7. \end{cases}$$

Муодилаҳои якум ва дуюмро бо ҳам ҷамъ намуда, пайдо мекунем:

$x + 1 + y + 1 = 11 + 7$ ё ки $x + y = 16.$

Ҷавоб: 16.

61. Ҳал. Тарзи якум. Мувофиқи шарти масъала $t^2 + 3t - 3 = 0$ мешавад. Муодилаи охиронро ба намуди $t^2 = -3t + 3$ навишта, ҳар ду тарафашро ба t зарб мекунем: $t^3 = -3t^2 + 3t$. Акнун $2t^3$-ро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$2t^3 = t^3 + t^3 = t^3 + \underline{-3t^2 + 3t}$ ё ки $2t^3 - 1 = 2t^3 + \underline{(-3t^2 + 3t)} - 1 = t^3 - 3t^2 + 3t - 1 = (t - 1)^3$.

Машғулияти дводаҳум (синфҳои 8 ва 9)



Пас, $\sqrt[3]{2t^3 - 1} - t = \sqrt[3]{(t - 1)^3} - = t - 1 - t = -1$ мешавад.

Тарзи дуюм. Ифодаи $\sqrt[3]{2t^3 - 1} - t$-ро ба тариқи зерин табдил медиҳем:

$\sqrt[3]{2t^3 - 1} - t = \sqrt[3]{t^3 + t^3 - 1} - t =$

$= \sqrt[3]{(t^3 - 3t^2 + 3t - 1) + t^3 + 3t^2 - 3t} - t =$

$= \sqrt[3]{(t - 1)^3 + t(t^2 + 3t - 3)} - t = \sqrt[3]{(t - 1)^3 + t \cdot 0} - t =$

$= \sqrt[3]{(t - 1)^3} - t = t - 1 - t = -1.$

Ҷавоб: – 1.

62. Ҳал. Ифодаи матлубро ба тариқи зерин табдил медиҳем:

$$\frac{36^n + 6^{n+1} + 8}{2^{n+1} + 12^n} - \frac{4}{2^n} = \frac{6^{2n} + 6 \cdot 6^n + 8}{2 \cdot 2^n + 2^n \cdot 6^n} - \frac{4}{2^n} =$$

$$= \frac{6^{2n} + 2 \cdot 6^n + 4 \cdot 6^n + 8}{2^n \cdot (2 + 6^n)} - \frac{4}{2^n} = \frac{(6^n + 2)(6^n + 4)}{2^n \cdot (2 + 6^n)} - \frac{4}{2^n} =$$

$$= \frac{6^n + 4}{2^n} - \frac{4}{2^n} = \frac{6^n}{2^n} + \frac{4}{2^n} - \frac{4}{2^n} = \left(\frac{6}{2}\right)^n + \frac{4}{2^n} - \frac{4}{2^n} = 3^n$$

Ҷавоб: 3^n.

63. Ҳал. Ҳар ду тарафи ифодаи $x^8 + \frac{1}{x^8} = 2$-ро ба квадрат мебардорем:

$\left(x^8 + \frac{1}{x^8}\right)^2 = 2^2;$

$(x^8)^2 + 2 \cdot x^8 \cdot \frac{1}{x^8} + \left(\frac{1}{x^8}\right)^2 = 4$ ё ки $(x^8)^2 + 2 \cdot x^8 \cdot \frac{1}{x^8} + \left(\frac{1}{x^8}\right)^2 = 4 \cdot x^8 \cdot \frac{1}{x^8};$

$(x^8)^2 - 2 \cdot x^8 \cdot \frac{1}{x^8} + \left(\frac{1}{x^8}\right)^2 = 0;$ $\left(x^8 - \frac{1}{x^8}\right)^2 = 0;$

$x^8 - \frac{1}{x^8} = 0;$ $x^8 - 1 = 0.$

Аз ин ҷо $x^8 = 1$ мешавад. Акнун x^{2024}-ро табдил медиҳем:

$x^{2024} = x^{8 \cdot 253} = (x^8)^{253} = 1^{253} = 1.$

Яъне, $x^{2024} = 1$ гардид.

Ҳамин тавр, $x^{2024} + \frac{1}{x^{2024}} = 1 + \frac{1}{1} = 1 + 1 = 2$ мешавад.

Ҷавоб: 2.

64. Ҳал. Ифодаи додашударо ба намуди зерин менависем: $\frac{x^4 + 1}{x^2} = 98.$

Сурати ифодаро ба махраҷ ҷузъ ба ҷузъ тақсим намуда, ҳосил мекунем: $x^2 + \frac{1}{x^2} = 98.$

Аз тарафи чапи ифодаи ҳосилшуда, ба тариқи зерин квадрати пурра ҷудо мекунем:

$x^2 + 2 + \frac{1}{x^2} = 98 + 2;$ $x^2 + 2 \cdot x \cdot \frac{1}{x} + \frac{1}{x^2} = 100;$

$\left(x + \frac{1}{x}\right)^2 = 100.$

Аз ин ҷо $x + \frac{1}{x} = \pm 10$ мешавад. Азбаски $x > 0$ аст, пас $x + \frac{1}{x} = 10$ мегардад.

Акнун ҳар ду тарафи ифодаи ҳосилшударо ба куб бардошта, онро табдил медиҳем:

$\left(x + \frac{1}{x}\right)^3 = 10^3;$

$x^3 + 3x \cdot \frac{1}{x} \cdot \left(x - \frac{1}{x}\right) + \frac{1}{x^3} = 1000;$

$x^3 + 3 \cdot 10 + \frac{1}{x^3} = 1000;$

$x^3 + \frac{1}{x^3} = 1000 - 30$ ё ки $x^3 + \frac{1}{x^3} = 970.$

Ҷавоб: 970.

Тарзи дуюм. Татбиқи дуузваи кубӣ. Ифодаи $x^3 + \frac{1}{x^3}$ -ро табдил медиҳем:

$$x^3 + \frac{1}{x^3} = x^3 + \left(\frac{1}{x}\right)^3 = \left(x + \frac{1}{x}\right)^3 \left(x^2 - x \cdot \frac{1}{x} + \left(\frac{1}{x}\right)^2\right) =$$

$$= \left(x + \frac{1}{x}\right)\left(\left(x + \frac{1}{x}\right)^2 - 2x \cdot \frac{1}{x} - 1\right) =$$

$$= \left(x + \frac{1}{x}\right)\left(\left(x + \frac{1}{x}\right)^2 - 3\right) 10 \cdot (10^2 - 3) = 10 \cdot 97 = 970.$$

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

БИОЛОГИЯ

Корҳои таҷрибавӣ самароваранд

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа, ки бо суръати баланди технологияҳои инноватсионӣ ва тағйироти куллии экологӣ тавсиф мешавад, талабот ба сифати таҳсилоти табиатшиносӣ, махсусан, фанни биология ба куллӣ тағйир ёфтааст. Имрӯз ҳадафи асосии мактаб на танҳо додани маҷмуи донишҳои назариявӣ, балки ташаккули шахсиятест, ки қобилияти татбиқи ин донишҳоро дар фаъолияти амалӣ ва ҳалли мушкилоти ҳаётӣ дошта бошад.

Ин мавриди мехоҳем аҳаммияти методологии корҳои амалиро баррасӣ намуда, роҳҳои муассири ҷалби хонандагонро ба корҳои тадқиқотӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва воситаҳои аёнии таълим мавриди таҳлил қарор диҳем.

Аҳаммияти методологӣ ва психологии корҳои амалӣ дар таълими биология

Пайвастани назария бо амалия дар таълими биология танҳо як талаботи техникӣ нест, балки он заминаи амиқи психологӣ ва педагогӣ дорад. Ин раванд ба чанд самти муҳимми рушди хонанда таъсири бевосита мерасонад:

1. Ташаккули тафаккури илмӣ ва интиқодӣ

Вақте ки хонанда назарияро дар амал месанҷад, вай аз нақши «истеъмолкунандаи иттилоот» ба нақши «муҳаққиқ» мегузарад. Масалан, ҳангоми омӯхтани мавзуи «Плазмолиз ва деплазмолиз дар ҳуҷайраи рустанӣ» хонанда на танҳо расми ҳуҷайраро мебинад, балки тавассути микроскоп раванди кашида шудани ситоплазмаро мушоҳида мекунад. Ин лаҳза дар зеҳни ӯ саволи «Чаро?»-ро ба вуҷуд меорад ва ӯро водор месозад, ки қонуниятҳои физикию химиявиро дар биология дарк кунад.

2. Баланд бардоштани сатҳи азхудкунӣ ва хотира

Тибқи «Пирамидаи омӯзиш»-и Эдгар Дейл, инсон танҳо 10%-и он чизеро, ки мехонад ва 20%-и он чизеро, ки мешунавад, дар ёд нигоҳ медорад. Аммо ҳангоми иҷрои корҳои амалӣ ва иштирок дар баҳсҳои таҷрибавӣ ин нишондиҳанда то 75-90% боло меравад. Амалия имкон медиҳад, ки иттилоот аз хотираи кӯтоҳмуддат ба хотираи дарозмуддат гузарад, зеро дар ин раванд на танҳо зеҳн, балки эҳсосот ва ҳаракатҳои даст низ иштирок мекунанд.

3. Мотивизатсия ва шавқмандии маърифатӣ

Яке аз мушкилоти асосии омӯзгорони муосир коҳиши шавқи хонандагон ба фанҳои табиатшиносӣ мебошад. Пайвасти назария бо амалия «ҷозиба»-и илмро нишон медиҳад. Вақте хонанда мебинад, ки донишҳои биологӣ дар соҳаи тиб, кишоварзӣ, технологияҳои хӯрокворӣ ва ҳифзи муҳити зист чӣ гуна кор меоянд, шавқи ӯ ба омӯзиш дучанд мегардад.

4. Тарбияи масъулияти экологӣ

Амалия дар биология ҳамеша бо тамоси мустақим бо мавҷудоти зинда алоқаманд аст. Парвариши як рустанӣ аз тухмӣ ё мушоҳидаи рафтори ҳайвонот дар хонандагон ҳисси ғамхорӣ ва масъулиятро нисбат ба табиат тарбия мекунад. Ин ҷо назарияи «ҳифзи табиат» ба амали мушаххаси «нақоти табиат» табдил меёбад.

Бе корҳои амалӣ, озмоишҳо ва мушоҳидаҳои саҳроӣ таълими биология моҳияти худро гум карда, ба як раванди хушки механикӣ мубаддал мешавад. Омӯзгор вазифадор аст, ки ҳар як соати дарсиро бо унсурҳои амалӣ бой созад, то хонанда тавонад ҷаҳони зиндаро бо чашмони худ бинад ва бо дастони худ эҳсос кунад.

Усулҳои пайвасти назария бо амалия дар мавзуъҳои мухталифи биология

Барои он ки раванди таълим муассир бошад, омӯзгор бояд вобаста ба ҳар як фасли биология усулҳои хоси амалиро истифода барад. Ҳоло роҳҳои асосии пайвасти назарияро бо амалия дар се самти калидӣ баррасӣ мекунем.

1. Ботаника: аз расми китоб то лабораторияи зинда

Омӯзиши олами наботот имкониятҳои васеъро барои таҷрибаҳои дарозмуддат фароҳам меорад. Назария дар бораи фотосинтез, нафасгирии рустаниҳо ва сохти ҳуҷайра танҳо вақте дарк мешавад, ки хонанда дар ин равандҳо иштирок кунад.

Таҷрибаи «Сабзиши тухмӣ». Ҳангоми омӯхтани мавзуи «Шароити сабзиши тухмӣ» ба хонандагон супориш дода мешавад, ки дар чор зарфи гуногун тухмиро дар шароити мухталиф (бе об, бе нур, дар хунукӣ ва дар шароити мусоид) гузоранд. Ин усул ба онҳо меомӯзонад, ки омилҳои абиотикиро мушоҳида карда, натиҷаро дар амал тасдиқ кунанд.

Гӯшаи биологӣ. Ташкили «лабораторияи сабз» дар тирезаи синфхона имкон медиҳад, ки хонандагон усулҳои афзоиши нашъунамо (қаламчакунӣ, пайвандкунӣ)-ро худашон иҷро кунанд.

2. Анатомия ва физиологияи инсон: татбиқи дониш дар худшиносӣ

Ин фасл барои хонандагон ҷолибтарин аст, зеро объекти тадқиқот худи онҳо мебошанд. Пайвасти назария бо амалия дар ин ҷо ба саломатии фардӣ нигаронида шудааст.

Муайян кардани набз ва фишор. Ҳангоми омӯзиши системаи гардиши хун, гузаронидани кори амалӣ оид ба чен кардани набз дар ҳолати оромиш ва пас аз 20 бор нишастухез зарур аст. Хонандагон дар амал мебинанд, ки чӣ тавр дил ба бори физикӣ вокуниш нишон медиҳад. Ин робитаи мустақими байни назарияи физиология ва тарбияи ҷисмониро нишон медиҳад.

Гигиена ва ғизо. Дар мавзуи «Ҳазм» хонандагон метавонанд таркиби маҳсулоти хӯрокворӣ (масалан, мавҷудияти крахмал дар нон ё картошка бо ёрии йод) таҳлил кунанд. Ин ба онҳо кумак мекунад, ки минбаъд дар ҳаёти воқеӣ ғизои худро дуруст интихоб кунанд.

3. Зоология ва экология: мушоҳидаҳои саҳроӣ ва ҳифзи муҳити зист

Биологияи ҳайвонот ва экологияро бе баромадан ба табиат тасаввур кардан душвор аст. Амалия дар ин ҷо бояд берун аз деворҳои синфхона сурат гирад.

Экскурсияҳои таълимӣ. Ба ҷои намоиши расми ҳашарот, ташкили сафар ба боғи мактаб ё боғи истироҳатӣ барои мушоҳидаи занҷирҳои ғизоӣ ва муносибати байни намудҳо самараи бештар дорад. Хонандагон меомӯзанд, ки чӣ тавр як организм аз организми дигар вобаста аст.

Лоиҳаҳои экологӣ. Пайвасти назария бо амалия метавонад дар шакли лоиҳаҳои «Мактаби сабз» ё «Партовҳоро дуруст ҷудо кун» амалӣ шавад. Вақте ки хонанда таъсири манфии полиэтиленро ба ҳуҷайраҳои зинда меомӯзад ва сипас дар тоза кардани маҳал иштирок мекунад, дониши ӯ ба эътиқоди ботинӣ табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, собит мешавад, ки барои ҳар як мавзуи биологӣ метавон усули хоси амалиеро пайдо кард, ки дониши назариявиро ба малакаи ҳаётӣ табдил диҳад. Муҳим он аст, ки омӯзгор аз шароити мавҷуда эҷодкорона истифода барад.

Азимҷон СОЛИЕВ,
омӯзгори биологияи МТМУ №31-и шаҳри Душанбе

17 май дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ баргузор гардид.

Шери пурзӯр на аз пояи хорист ба банд,
Саги таммоъ на аз баҳри азизист ба дар.
Абдулмаҷди Саноӣ

ТАҲЛИЛ ВА БАРРАСӢ

Норак: аз таҳсилоти иловагӣ то созмони хонандагон

Нақши таҳсилоти иловагӣ дар тарбияи кӯдакону наврасон хеле муҳим аст, зеро он ба рушди шахсият, ҷаҳонбинӣ ва истеъдоди онҳо мусоидат мекунад. Таҳсилоти иловагӣ берун аз барномаи мактабӣ, одатан, дар марказҳои махсус тавассути маҳфилҳо, курсҳо, озмунҳо, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ амалӣ карда мешавад. Дар яке аз чунин марказҳо – Муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Норак имрӯз 399 кӯдаку наврас дар дувоздаҳ маҳфил: «Дӯзандагӣ», «Дастони моҳир», «Гулдӯзии миллӣ», «Наттоқӣ», «Хониши бадеӣ», «Кадбону», «Рассомӣ», «Информатика», «Гулпарварӣ», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Забони русӣ», «Баркчӣ» касбу ҳунар меомӯзанд.



Муассиса дар маркази шаҳр дар ошёнаи чаҳоруми бинои собиқ техникуми энергетикӣ фаъолият дорад. Бинои мазкур ниҳоят фарсуда буда, пеш агар арзиши иҷораи он 4 ҳазор сомонӣ буд, соли ҷорӣ акнун 8 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Аз дохили долон ва утоқҳои машғулиятомӯзиро маҳсули ҳунари шогирдон ва устодони муассиса – манзараи наврӯзӣ, ки дар он лолачинии ду навраси либоси миллипӯш дар доманакӯҳ гулдӯзӣ шуда, ҳамчунин, тасвирҳои ҷолиб, гулу гулдон ва дарахтони худсохт, қуроқу зардӯзиҳои гуногун оро додааст. Аммо дар баробари ин, шифту деворҳои доғдор, фарши ҷо-ҷо пӯсида аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки муассиса аз барфу борон эмин нест. Соли гузашта тибқи нақша (смета) барои таъмир 15 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардид ва он барои барқарорсозии истироҳатгоҳи беруназшаҳрии «Офтобак», ки дар дараи Пехо ҷойгир мебошаду дар ихтиёри муассиса вогузор шудааст, масраф шуд. Мутаассифона, соли ҷорӣ нақша тасдиқ нашуд. Дар робита ба ин мушкилӣ, директори муассисаи таҳсилоти иловагӣ Тоҷигул Бобоева, ки роҳи асосии ҳалро дар соҳиби бинои алоҳида шудан медонад, чунин иттилоъ дод: «Борҳо ба ҳукумати маҳал барои ҳалли ин қазия ба таври хаттӣ муроҷиат кардаем. Ва дар соли ҷорӣ масъулон ваъда додаанд, ки бинои шуъбаи маорифро, ки ба ҷойи дигар мекӯчад, ба ихтиёри мо хоҳанд дод.»

Дар муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Норак 20 корманд фаъолият намуда, аз ин 12 нафарро роҳбарони маҳфил ташкил менамоянд. Ҳамаи онҳо соҳибмаълумотанд. Роҳбари маҳфили «Гулдӯзии миллӣ» Хатича Тағойбекова 15 сол аст, ин ҷо ба шогирдон ҳунар меомӯзад. Имсол маҳфили мазкур дар 4 гурӯҳ 39 нафарро фаро гирифт. Х. Тағоймуродова иброз дошт, ки қисми зиёди шогирдонаш маҳорати хуби ҳунаромӯзӣ дошта, пайваста дар озмуну намоишҳои гуногуни дохилишаҳрӣ фаъолона ширкат меварзанд.

Маҳфили «Дӯзандагӣ» 40 нафар узв дорад. Дар ин маҳфил шогирдон тарзи омода кардани либосҳои милливу мактабӣ, пешдоману дастархон, кӯрпаву кӯрпачаҳои куроқиро меомӯзанд. Дар утоқи кории маҳфили «Дӯзандагӣ» барои истифода танҳо 3 мошинаи дарздӯзӣ ба чашм расиду халос.

Таҳсилоти иловагӣ вазифаҳои зиёдеро бар дӯш дошта, пеш аз ҳама, тарбияи насли наврас дар руҳияи инсондӯстӣ, эҳсоси волои ватанпарварӣ, инчунин, эҳтиром ба урфу одат, расму оин ва арзишҳои миллӣ, дастгирии хонандагони боистеъдод, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва амсоли инҳоро асоси фаъолияти худ қарор додааст. Ин аст, ки дастпарварони муассиса дар чорабиниҳои гуногун, озмуну мусобиқаҳо, конференсияҳо фаъолона иштирок намуда, донишу маҳорат ва чаҳони маънавии худро ғанӣ мегардонанд.

Яке аз самтҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти иловагии шаҳри Норак назорат ва раҳнамоии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Созмони хонандагон аз бахшҳои муҳимми мактабӣ маҳсуб ёфта, барои тарбияи маънавӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии кӯдакону наврасон мусоидат менамояд. Дар шароити имрӯза чунин созмонҳо барои ташаккули шахсияти наврасон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо нақши бориз доранд. Ҳадафи асосии созмони хонандагон муттаҳид намудани хонандагон барои корҳои нек, омӯзиш, тарбия ва иштироки фаъолона дар дарсҳо мебошад. Тавассути ин созмон кӯдакон масъулиятшиносӣ, эҳтироми ҳамдигар, ҳамкорӣ ва дӯстиро меомӯзанд. Вобаста ба ин масъала, дар як сол чаҳор маротиба дар шаҳри Норак Шурои Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр баргузор мегардад ва дар он якчоя бо роҳбарони созмон дар мактабҳо мушкилиҳое, ки дар ин самт мавҷуданд, баррасӣ менамоянд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Норак 17 413 хонанда таҳсил намуда, аз инҳо, дар зинаи «Ахтарон» 2835, «Ворисони Сомониён» 3594, «Сомониён» 400 ва дар умум, 6829 нафар узви Созмони хонандагонанд. Дар ин хусус, Т. Бобоева изҳор намуд: «Дар як сол бояд ду маротиба хонандагонро ба сафи созмон қабул кунем – Рӯзи таъсисёбии Созмони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ ва ҷашни Истиқлоли давлатӣ. Охири моҳи феврал дар Рӯзи таъсисёбии созмон дар назди маҷмааи Исмоили Сомонӣ бо иштироки намояндагони ҳукумати шаҳр, шуъбаи маориф, хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҷашни бошукӯҳе ташкил намудем. Он рӯз бевосита инҷониб дар вазъияти тантанавӣ 300 нафарро ба сафи созмон қабул намудам, то барои роҳбароне, ки нав ба кор қабул шуданду маълумоту таҷрибаи кофӣ надоранд, корро биомӯзам».

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи шаҳри Норак 30 ададро ташкил карда, аз ин теъдод, танҳо дар 23 мактаб Созмони хонандагон мавҷуд асту халос. Дар ин бора директори муассиса Т. Бобоева чунин гуфт: «Мактабҳои ибтидоии №18, №19, №23, №24, №25, №26 азбаски дар наздикиҳои кӯҳ ҷойгиранду хонандагон (аз 6 то 8 нафар), синфхона, ҳамчунин, воҳиди кории кам доранд, дар он ҷо Созмони хонандагон таъсис дода нашудааст. Чунки дар ин мактабҳои ибтидоӣ, масалан, хонандаи синфи 1 бо 2 ва ё 3 якҷоя мехонанд. Баъди хатми синфи 4-ум онҳо ба мактабҳои миёнаи умумӣ равона шуда, сипас, узви созмон мегарданд.»

Бо сабаби нарасидани синфхонаҳо дар 10 муассисаи таълимии шаҳр барои Созмони хонандагон утоқи алоҳида ҷудо карда шуда, боқимонда бо муовинони тарбиявӣ дар як ҳуҷра ҷой дода шудаанд. Созмони хонандагон дар мактабҳо чорабиниҳои гуногун – озмунҳо, маҳфилҳо, конфронсҳо, аксияҳои экологӣ, чорабиниҳои фарҳангиву варзиширо баргузор менамоянд. Ин фаъолиятҳо ба рушди истеъдод, ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои иҷтимоии хонандагон мусоидат мекунанд. «Мо дар як моҳ як маротиба роҳбарони созмонҳоро дар мактабҳо ҷамъ карда, семинар мегузаронем, бо он навгониҳое, ки дар ин самт мешаванд, шинос мекунем, то фаъолияти кории онҳо тақвият ёбад»- изҳор намуд Т. Бобоева.

Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»
Душанбе – Норак – Душанбе

Ҳунар, истеъдод ва эҷод

Имрӯз омӯзиши ҳунар, рушди маҳорат, кашфи истеъдодҳои нав ва ҷалби наврасон ба фаъолияти эҷодиву илмӣ аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Бо ҳамин мақсад, дар шаҳру ноҳияҳои кишвар марказҳои таҳсилоти иловагӣ фаъолият доранд. Яке аз ин марказҳо Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур мебошад, ки барои рушди қобилияти хонандагон шароити мусоид фароҳам овардааст. Дар муассиса ба рушди малакаву маҳорат, ҳавасманд намудани хонандагон ба фаъолияти эҷодиву тадқиқотӣ ва беҳтар кардани сатҳи дониш таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Айни замон дар ин ҷо 1300 хонанда дар 25 маҳфил ҷалб шудаанд.

Фирдавс Икромов – муовини директор оид ба инноватсия ва корҳои методии Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур чунин изҳор дошт: «Марказ барои рушди истеъдодҳои нав фаъолият дошта, хонандагони фаъолро ба маҳфилҳои худ ба таври ройгон ҷалб месозад. Ҷанде пеш дар ноҳия даври дуюми Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ҷамъбаст гардид, ки дар он ду таълимгирандаи мо – Омина Сангинова ва Мусаллама Иззатова аз рӯйи номинатсияи дизайн ва графика сазовори ҷойи аввал гардиданд. Илова бар ин, дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия озмуни тарроҳӣ доир шуд, ки дар он роҳбарони маҳфилҳои муассиса – Фотима ва Зуҳро Шоеваҳо иштирок карданд.

Зуҳроро дар синфхонаи маҳфили рассомӣ дарёфтем, ки бо таълимгирандагон машғулият мегузашт. Мусаввараҳои овезон, нақшу нигор дар девор ва аксҳои рӯйи миз диққати моро ҷалб кард. Дар маҳфили рассомӣ зиёда аз 30 таълимгиранда иштирок карда, ҳамарӯза ин ҳунарро меомӯзанд.

– Аз хурдӣ шавқу ҳаваси рассомӣ дошт ам. Ҳангоми таҳсил дар Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе иштирок карда, истеъдоди худро рушд додам. Баъдан, ба Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон дохил шуда, дар баробари донишҷӯй будан, ҳамзамон, дар Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур ба хонандагон ҳунари худро меомӯзонам.

Талабот имрӯз ба маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ (дӯзандагӣ, попурдӯзӣ, бофандагӣ) зиёд буда, 60 таълимгиранда дар 6 гурӯҳ ба машғулият фаро гирифта шудаанд. Дар синфхона 5 дастгоҳи дарздӯзӣ, 4 дастгоҳи попурдӯзӣ ва 1 дастгоҳи бофандагӣ мавҷуд аст.

– Аз хурдӣ ба дӯзандагӣ шавқу ҳавас дорам, аз ин рӯ, ба ин ҷо омадам. Тӯли 2 сол аст, ки дар ин ҷо ҳунари дӯзандагиро меомӯзам ва айни ҳол баъзе либосҳоро дӯхта метавонам,-мегӯяд Мунира Асадуллоева, хонандаи МТМУ №100-и ноҳияи Шоҳмансур.

Маҳфили шоҳмот ва шашка аъзои зиёд дорад. Роҳбари ин маҳфил Маҳмадбек Мирзоев изҳор дошт, ки дар ду баст ба 50 хонанда бозии шоҳмоту шашкаро меомӯзонад ва шогирдонаш пайваста дар озмунҳо ғолиб мешаванд.

– Бозии шоҳмоту шашка, пеш аз ҳама, барои рушди зеҳни кӯдак таъсири калон доранд. Кӯдак ҳангоми бозӣ фикр мекунад, роҳҳои гуногуни ҳаракатро меомӯзад, ки дар ӯ қобилияти таҳлил кардан рушд меёбад. Яке аз шогирдонам – Дамир Ҷамолзода дар даври шаҳрии озмуне, ки аз ҷониби Маркази таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе ташкил шуда буд, иштирок карда, дар бозии шоҳмот сазовори ҷойи аввал гардид. Шогирди дигарам – Гузал Яхшибаева аз рӯйи бозии шашка соҳиби ҷойи дуюм шуд,-мегӯяд М. Мирзоев.



Ҳамчунин, дар шаҳри Душанбе Олимпиадаи IV даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни технологияи меҳнат баргузор гардид, ки дар он Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур сазовори ҷойи дуюм гардид.

Муассиса дорои китобхона буда, дар он номгӯи зиёди китобҳои бадеиву дарсӣ мавҷуд аст, ки ҳамарӯза хонандагон аз онҳо истифода мебаранд. Соли гузашта дар пойтахт озмуни «Китобхонаи беҳтарин» доир гардид, ки дар он Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур соҳиби ҷойи сеюм шуд.

Дар маросими ҷамъбасти ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе таълимгирандагони Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур соҳиби Шоҳҷоизаи озмун шуданд.

Мутобиқи маълумоти Ф. Икромов, айни замон ба хотири истиқболи сазовори ҷашнии 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ТОП-35 хонандаи фаъол доир гардида истодааст. Айни замон 100 хонандаи беҳтарин муайян карда шуд ва аз байни онҳо 35 нафар тавассути озмун интихоб карда мешаванд.

Фаъолияти Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур бозгӯи он аст, ки таҳсилоти иловагӣ имрӯз ба муҳити воқеии рушди истеъдод, ташаккули ҷаҳонбинӣ, омӯзиши ҳунар, дур кардани наврасон аз кӯчагардӣ ва рушдии зеҳнии онҳо табдил ёфтааст.

Муҳити созандаи марказ ва дастгирии пайвастаи хонандагон аз ҷониби Давлату Ҳукумати кишвар, хосса, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон фароҳам овардааст, ки ҳар як наврас тавонад истеъдоди худро кашф намуда, барои расидан ба орзуҳои худ қадамҳои устувор гузорад.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА,
«Омӯзгор»

Дар Дави миллӣ дар шаҳри Душанбе беш аз 32 ҳазор нафар иштирок намуданд.

НОБИҒАГОНИ АДАБИЁТ

Нависанда, омӯзгор ва мураббии ахлоқ



Лев Николаевич Толстой нависанда ва мутафаккири бузург, яке аз чеҳраҳои шинохта дар адабиёти классикии рус ва ҷаҳон ба шумор рафта, 9 сентябри соли 1828 дар вилояти Тула, дар оилаи ашрофзода ба дунё омадааст. Толстой дар 5-солагӣ аллакай бо забонҳои фаронсавӣ, итолиёвӣ ва олмонӣ озодона сухан мегуфт. Каме дертар, ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ забони туркӣ ва арабиро омӯхт. Бо сабабҳои гуногун таҳсили донишгоҳиро нотамом гузошт, аммо аз донишомӯзӣ ва мутолиа даст накашид. Ба иқрори ҳамсабақон ва дӯстонаш Толстой соатҳои тӯлонӣ дар китобхона ба мутолиа ва таълифи асаре банд буд.

Ӯ муаллифи асарҳои машҳур, ба монанди «Ҷанг ва сулҳ», «Анна Каренина», «Эҳё» ва ғайра мебошад. Ин асарҳо ба зудӣ дар дили хонанда ҷой гирифта, тақрибан бо тамоми забонҳои олам тарҷума ва нашр гардидаанд. Толстой дар осори худ масъалаҳои ҳаёт, ахлоқ, адолат, муҳаббатро дар мадди назар гузошта, тарбияро ҳамчун муҳимтарин вазифаи инсонӣ баррасӣ кардааст.

Нобаробарӣ ва ноадолатӣ дар ҷомеаи подшоҳӣ яке аз масъалаҳое маҳсуб меёфт, ки аз хурдсолӣ Толстойро азият медод. Толстой мехост, ки ҳар кӯдак, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ, соҳиби дониш гардад. Ӯ бар он ақида буд, ки таълим бояд озод, шавқовар ва бар асоси эҳтиром ба шахсияти кӯдак сурат гирад.

Дар амлоки худ Ясная Поляна Толстой барои фарзандони деҳқонон мактаб кушод. Мактаби Толстой ба таври иҷборӣ набуд. Хонандагон метавонистанд фикри худро озодона баён кунанд, савол диҳанд, баҳс кунанд ва бо шавқу ҳавас илм омӯзанд. Омӯзгор ба ҷойи ҷазо ва зӯрӣ, бо меҳрубонӣ ва дарки вазъи рӯҳии шогирдон муносибат мекард. Ба андешаи Толстой, омӯзгор, пеш аз ҳама, бояд барои кӯдакон намунаи ибрат бошад.

Лев Толстой 20 ноябри соли 1910 аз олам гузашт. Осори Лев Толстой то имрӯз хонандагони зиёд дошта, аҳаммияти худро гум накардаанд ва дар тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозанд.

Суман ТАИБЗОДА,
омӯзгори забони русии
МТМУ №21-и ноҳияи Варзоб

ЧАШМАНДОЗ



МАОРИФИ ҶАҲОН

Беларус

Вазорати маорифи Беларус ислоҳоти наверо дар низоми имтиҳонсупории хатмкунандагони мактабҳои миёна амалӣ намуд. Дар маркази ин тағйирот ҳамоҳангсозии имтиҳон ва тести марказонидашуда (ЦТ) қарор дорад. Ҳадафи асосии ҳукумат коҳиш додани фишори равонӣ ва сарборii хонандагон ва сода гардонидани низоми қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад.

Тибқи тартиби нав, имтиҳонҳо асосан дар рӯзҳои истироҳатӣ – нимаи дуюми моҳи май баргузор мешаванд, то хонандагон вақти бештар барои омодагӣ ва истироҳат дошта бошанд. Натиҷаҳои имтиҳонҳо ҳамчун баҳои хатм дар аттестати мактабӣ ва ҳам холҳои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ истифода мешаванд.

Ҷопон

Вазорати маориф, фарҳанг, варзиш, илм ва технологияи Ҷопон барои донишҷӯёни хориҷие, ки мактабҳои олии кишварро хатм мекунанд, ҷойи кор пешниҳод мекунад. Ин имтиёз, пеш аз ҳама, ба мутахассисони соҳаҳои IT, муҳандисӣ, робототехника ва технологияҳои рақамӣ дахл дорад. Ҳукумати Ҷопон бо ин иқдом мутахассисони ҷавонро ҷалб намуда, норасоии кадрҳоро бартараф месозад. Бисёр ширкатҳои бузурги ҷопонӣ барномаҳои махсуси таҷрибаомӯзӣ ва ҷалби хатмкунандагони хориҷиро оғоз кардаанд.

Инчунин, омори расмӣ нишон медиҳад, ки ҳазорҳо кӯдаки хориҷӣ бинобар надонистани забони ҷопонӣ дар дарсҳо мушкилӣ мекашанд ва баъзан аз таҳсил дур мемонанд. Дар ин самт, маблағгузории барномаи «Забони ҷопонӣ ҳамчун забони дуюм» зиёд гардида, барои кӯдакони муҳоҷир синфҳои иловагӣ ташкил карда мешаванд.

Арманистон

Вазорати маориф ва илми Арманистон дар ҳамкорӣ фанни «Зеҳни сунъӣ»-ро ба барномаи таълимии синфҳои 10-12 ворид намуд. Ин ташаббус дар доираи лоиҳаи миллии «Generation AI» амалӣ шуда, ҳадафи он омода намудани насли нави мутахассисони соҳаи технология мебошад. Хонандагон асосҳои алгоритмсозӣ, забони барномасозии Python ва таҳлили додаҳоро меомӯзанд. Тибқи нақша, дар мактабҳо озмоишгоҳҳои рақамӣ ва синфхонаҳои муҷаҳҳаз таъсис дода шуда, ҳамчунин, барои омӯзгорон курсҳои бозомӯзӣ ташкил гардидаанд.

Марокаш

Марокаш ислоҳоти муҳимро дар соҳаи маориф оғоз кардааст. Вазорати маорифи кишвар тасмим гирифтааст, ки фанҳои илмӣ ва техникӣ тадричан бо забони англисӣ омӯзонида шаванд. Ҳукумат чунин мешуморад, ки имрӯз англисӣ забони асосии илм, технология ва иқтисоди ҷаҳонӣ аст. Бештари тадқиқоти илмӣ, мақолаҳои академӣ ва навовариҳои технологӣ бо забони англисӣ нашр мешаванд. Аз ин рӯ, ҷавонони марокашӣ барои рақобатпазир шудан дар бозори байналмилалӣ бояд ба ин забон беҳтар дастрасӣ дошта бошанд.

Бангладеш

Ҳукумати Бангладеш дар доираи барномаи миллии «Smart Education 2041» ба ислоҳоти таҳсилоти томактабӣ оғоз кард. Тибқи тарҳи нав, таҳсилоти ройгон ва ҳатмии томактабӣ дар муассисаҳои давлатӣ аз як сол ба ду сол зиёд карда шуд, ки бо он кӯдакони 4 ва 5-сола низ фаро гирифта мешаванд.

Барномаи нави таълимӣ бо дастгирии техникии ЮНИСЕФ таҳия шуда, ба усули «омӯзиш тавассути бозӣ» асос ёфтааст. Ба ҷойи азёдкунии ҳарфҳо ва рақамҳо, диққати асосӣ ба рушди фикрронӣ, эҷодкорӣ, муошират ва қобилияти иҷтимоии кӯдакон равона мешавад. Чунин равиш ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон мусоидат мекунад. Дар доираи ислоҳот, барои мураббиён ва омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ курсҳои махсуси омӯзишӣ ташкил гардидаанд.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Ситоишгари дӯстӣ

АДИБОНИ МО

Ҳафтаномаи «Омӯзгор» аз шумори муаллифонаш дӯстону ҳаводорони зиёде дорад, ки зумрае аз онҳо ҳар гоҳ меҳмони нашрия шуда, бо қаламкашони он суҳбат меороянд, бо баъзе аз суолҳои худ посух дармеёбанд ва навиштаҳои тозаашонро барои чоп пешниҳод мекунанд. Адиби шинохта, рӯзноманигори хушсалиқа ва устоди варзидаю тарҷумони мумтоз Сулаймон Эрматов дар сафи ҳамин гуна пайвандони ҳафтанома қарор дорад, моҳе як-ду навбат ба идораи нашрия меояд, бо ҳама аҳволпурсӣ мекунад ва табассум ба лаб сумкаи куҳнасохти «варамида»-ашро боз намуда, аз дохилаш чанд китобу рӯзнома ва варақаҳои пурхатро берун кашида, «ҳисобот» медиҳад: - Ин китобро ҳафтаи гузашта аз фурӯшгоҳи назди «Садбарг» харидам, китоби нагз, ду рӯз пеш ба хонданаш шуруъ кардам, имкон ёбед, шумо ҳам дарёфта хонед. Мана, ин китобро аз Ӯзбекистон дӯстонам бароям фиристодаанд. Китоби ҳикояҳои як адиби маъруфи ӯзбек. Нияти ба тоҷикӣ тарҷума кардан дорам. «Дӯстии халқҳо-дӯстии адабиётҳо» гуфтаанд. Бисёр мехоҳам, ки имрӯз, чун робитаҳои гуногунсоҳаи Тоҷикистону Ӯзбекистон вусъат ёфтаанду ба марҳалаи файзбору бесобиқа расидаанд, адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбек ҳар чи бештар ба хонандагони ин ду халқи ҳамҷавору ҳамтаърих муаррифӣ шаванд.

Сулаймон Эрматов адиби ӯзбекзабони Тоҷикистон буда, тараннуму ситоиши дӯстии тоҷикону ӯзбекҳоро дар меҳвари эҷодиёташ қарор додааст ва дар ин мавзуъ асарҳои зиёде эҷод кардааст, ки яке аз онҳо китоби бузургҳаҷмест бо номи «Гуфтугӯ аз дӯстӣ дорем мо». Ин китоб саршор аз меҳру муҳаббат ва самимият аст ва решаҳову марҳалаҳову ҳаводиси марбут ба таърихи дерини дӯстию ҳамбастагии халқҳои тоҷику ӯзбекро тавзеҳ мебахшад. Адиб бар он назар аст, ки ҳоло давраи навини равобити судманду файзбори ин ду халқи бародар ифтитоҳ ёфтааст ва идома дорад, ки дар он нақши Сарварони ҳар ду кишвар – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев хеле барҷаста аст. Ҳамакнун, бояд ҳар фарди зиёӣ дар боз ҳам вусъат ёфтани ин дӯстӣ ҳиссагузор бошад. Сулаймон Эрматов илова бар асари бадеию публитсистӣ бо ҳадафи мусоидат бо муоширати самимию бемонеаи тоҷикону ӯзбекон луғатномаи бузурги тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва ӯзбекӣ-тоҷикиро мураттаб сохта, ба чоп пешниҳод намудааст, ки ба наздикӣ ҳамчун китоби алоҳида рӯйи даст хоҳад омад.

Ин адиби пуркор дар тарҷумаи осори бадеии нависандагони Ӯзбекистон ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи эҷодиёти адибони Тоҷикистон ба забони ӯзбекӣ низ фаъол аст ва дар ин самт корҳои зиёдеро сомон бахшидаву ҷилд - ҷилд китоб ба чоп расондааст.

Як шохаи фаъолияти Сулаймон Эрматов мансуб ба рӯзноманигорист. Аслан ӯ тавассути кор дар рӯзнома ба олами эҷод ворид гаштааст. Ҳанӯз мактабхон буд, ки барои рӯзномаю маҷаллаҳо мақолаҳо менавишт ва аз ин рӯ, дар аксар нашрияҳо рӯзноманигорон ӯро мешинохтанд. Ин буд, ки пас аз хатми мактаби олӣ эҷодкори ҷавонро барои кор ба рӯзномаи «Совет Тожикистон»-и даъват карданд. Дар ин нашрияи ӯзбекии Тоҷикистон Сулаймон Эрматов бо адиби маъруф Ҳоҷӣ Содиқ, ки сармуҳаррири нашрия буд, дӯстӣ пайдо кард ва аз ин нависандаи соҳибтаҷриба дар ҷодаи рӯзноманигорӣ ва эҷоди бадеӣ сабақҳои муҳим омӯхт, қалам рост кард.

Минбаъд фаъолияти рӯзноманигории Сулаймон Эрматов вусъат ёфт ва то ба имрӯз, ҳарчанд асосан ба эҷоди осори бадеӣ машғул аст, иртиботашро бо нигориши мақолаҳои гуногун барои нашрияҳо нагусастааст. Дар радифи дигар нашрияҳо бо ҳафтаномаи «Омӯзгор» робитаи ҳамешагӣ ва самарбор дорад. Бароят басо хушоянду гуворост дар мавзуи мактабу маориф мақолаҳо, асари публитсистӣ ва очеркҳо навиштан. Зимни сафарҳояш ба манотиқи гуногуни мамлакат ҳар ҷо бо омӯзгоре шоиставу соҳибтаҷриба ва навовару фаъол дучор ояд, табъаш болида мегардад ва азми мақолае дар бораи ин омӯзгор навиштан мекунад. Китоби алоҳидае хоҳад шуд, агар ҳамаи навиштаҳояшро дар бораи чунин омӯзгорон гирд оварад.

Ҳамин таваҷҷуҳ ва эҳтиромаш ба аҳли маориф буд, ки ба таҳияи китобҳои дарсӣ низ машғул шуд. Чанд китоби дарсӣ барои мактабҳои ӯзбекии Тоҷикистон таҳия намуд, аз ҷумла, китоби «Алифбо»-и хонандагони мактабҳои мазкурро. Китоби дарсии дуҷилдааш – «Одоби оиладорӣ» аз ҷониби аҳли маориф гарм пазируфта шуд ва сазовори баҳои баланд гашт. Дар бораи ин китоб дар нашрияҳои гуногуни ҷумҳурӣ беш аз даҳ тақриз ба чоп расид.



Дар ҷараёни таълиму тарбия омӯзгорони кишвар, ҳамчунин, аз китобҳои дигари устод Сулаймон Эрматов, ки дар онҳо мавзуъҳои дӯстию рафоқат, муҳаббат ба Ватан ва тарғиби одоби ҳамида дар меҳвар қарор доранд. («Модарам, ҷон модарам», «Парвози ғизол», «Андеша», «Меҳвари Ватан», «Аз кӯҳистон ба сӯи водӣ», «Сухан аз об бигӯ», «Қисмати зани солеҳа»…) васеъ истифода мебаранд.

Устод Сулаймон Эрматов шахси самимӣ, хоксор ва хушмуомила аст. Бо ҳар фарди некухисол зуд риштаи дӯстӣ мепайвандад. Аз ин ҷост, ки ба вижа аз миёни аҳли адаби тоҷик дӯстони зиёде дорад. Дӯстонаш аз ӯ, аз эҷодиёти пурмуҳтавояш, аз азму иродаи некаш ва ба вижа, аз кӯшишҳои самимонааш дар ҷодаи таҳкими дӯстии халқҳо басо мамнуну сипосгузоранд ва ҳар ҷо ситоишаш мекунанд.

Аз ҷумла, устод Карематуллоҳи Мирзо иброз дошта: «Сулаймон Эрматов адиби номвари ӯзбекзабони Тоҷикистон аст, ки бо адибони тоҷик ҳамқадамӣ дорад. Халқи тоҷик ва Тоҷикистонро аз сидқи дил дӯст медорад. Хидматҳои ӯ дар самти густариши дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек хеле бузургу пурсамаранд».

Гуфтаҳои зер ба устод Саидалӣ Маъмур мутаалликанд: «Тозанигорӣ ва самимият аз махсусиятҳои эҷодиёти адиби ӯзбекзабони мо Сулаймон Эрматов мебошанд. Ӯ ҳамеша дар такопӯю ҷустуҷӯст. Ман ифтихормандам, ки чунин дӯсте дорам».

Устод Камол Насрулло эътиқоду эҳтиромашро нисбат ба ин адиби пуркор ба тариқи назм изҳор доштааст:

Бигӯям офарин ман бар Сулаймон,
Ки заҳмат мекашад ӯ аз дилу ҷон.
Ба роҳи илму фарҳанги маонӣ
Ҳудо дар роҳи ҳақ бошад нигаҳбон.

Воқеан, сазовори сухани пурмеҳру баҳои баланди шахсиятҳои маъруф гаштан, на ҳар эҷодкореро муяссар мегардад. Ба устод Сулаймон Эрматов зиндагии саодатмандона, эҷоди асарҳои нав ба нав ва саломатии устувор таманно дорем.

А. МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»



Ҳафтаномаи «Омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори ҷашни бузурги таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҳадафи тавзеҳу баррасию муаррифии густардаи марҳалаҳои рушди маорифи ҷумҳурӣ ва тавсифи дастоварду навгониҳои соҳа барои беҳтарин асарҳои публитсистӣ таҳти унвони **«Рушди маориф дар замони Истиқлоли давлатӣ»** озмун эълон мекунад.

Навиштаҳо бояд инъикосгару тавзеҳбахши сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, корномаи аҳли маориф дар самти пойдории Истиқлоли давлатӣ ва марҳалаҳои рушди соҳаи маориф, фаъолияти фидокорони соҳа, комёбиҳои маорифи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳаводиси муассиру хотирмон вобаста ба ислоҳоти соҳа, тозакорию навгониҳо дар соҳа, омӯзгорони эҷодкору навовар, мақому мартабаи аҳли таълиму тарбия ва амсоли инҳо бошанд.

Ба навиштаҳое, ки саҳеҳу муъҷазу навоварона эҷод шудаанду забони шевою пуробуранг, таҳлилу пешниҳодҳои судманд, андешаҳои ҷолиб доранд ва дар онҳо умумигӯию якрангӣ ба мушоҳида намерасад, афзалият дода мешавад.

Ҳаҷми мақолаҳо набояд аз 4 саҳифаи чопи компютерӣ (ҳарфи Times New Roman, андозаи 14, интервали 1) зиёд бошад. Дар сурати ба инобат нагирифтани ин талабот, нигоштаҳо ба чоп иҷозат дода намешаванд.

Озмун аз рӯзи эълон шуданаш то 20 августи соли 2026 идома меёбад ва дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ (09.09.2026) ҷамъбаст мегардад.

Мукофотҳо барои ғолибон:

Ҷойи 1 – 7 000 сомонӣ
Ҷойи 2 – 5 000 сомонӣ
Ҷойи 3 – 3 000 сомонӣ

Ғолибон, ҳамчунин, соҳиби ифтихорнома ва туҳфаҳо хоҳанд шуд. Гулчини мақолаҳо дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад.

ТАВАҶҶУҲ

Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатии холии зерин озмун эълон менамояд:

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ 2014,50 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
2. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1667 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Суғд

1. Сармутахассис – 2 ҷой, маоши мансабӣ 2390,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
2. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1959,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
3. Мутахассис – 2 ҷой, маоши мансабӣ 1612,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Раёсати Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар вилояти Хатлон

1. Сармутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ 2390,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
2. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1959,9 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
3. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1612,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон

1. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1959,90 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Шуъбаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм дар минтақаи Рашт

1. Сармутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ 2168,4 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
2. Мутахассиси пешбар – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1779,2 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ;
3. Мутахассис – 1 ҷой, маоши мансабӣ 1459,5 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

Талаботи тахассусӣ
барои ишғолкунандагони мансаби сармутахассис:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;
– 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;
– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ
барои ишғолкунандагони мансаби мутахассиси пешбар:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;
– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ
барои ишғолкунандагони мансаби сармутахассис:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;
– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ
барои ишғолкунандагони мансаби мутахассиси пешбар:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;
– одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд ва ҳамкорон;
– малакаи хуби муошират, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– малакаи кор бо компютер ва технологияҳои дигари иттилоотӣ.

Талаботи тахассусӣ
барои ишғолкунандагони мансаби мутахассиси:

– таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси равияи омӯзгорӣ, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва гуманитарӣ;
–нусхаи маълумотнома дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ;
– нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
– 2 дона акси андозаи 4х6 ва 2 дона акси андозаи 3х4;
– маълумотнома (справка-объективка) бо акси ранга.

Нишонии қабули ҳуҷҷатҳо:

Шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Садриддин Айнӣ 126, шуъбаи кадрҳо, таъминоти ҳуқуқӣ, эътироф ва баробаразишии ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар давлатҳои хориҷии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе, ошёнаи 3), телефон: 225-83-28, 225-83-32.

Муҳлати охирини қабули ҳуҷҷатҳо баъд аз 21 рӯзи нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТУ №0047026, ки онро соли 2006 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансур ба Муратова Насиба Сафаралиевна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТА №0391005, дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2016 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №63-и ноҳияи Шоҳмансур ба Қуватов Сафархон Маҳмудович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0407606, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №58-и ноҳияи Фирдавсӣ ба Умарова Омина Дилшодовна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи ТШТУ №0028630, ки онро соли 2005 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Одинаев Ҳокимҷон Амрулоевич додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОҲИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 46150 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
И. Тилабова